

Мавлавӣ Фазлурраҳмон Рашидӣ

# ФАРИШТАИ МАРГ

**ВАЗОРАТИ МАОРИФИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

ДОНИШКАДАИ ИСЛОМИИ ТОҶИКИСТОН
БА НОМИ ИМОМИ АЪЗАМ

# ФАРИШТАИ МАРГ

Душанбе - 2010

ББК 83.4 (0) 9+89.31
М- 19

*М -19* Мавлоно Фазлуррахмон Рашиди
Фариштаи марг. - Душанбе, 2010, 64 саҳ.

Ин китобест фарогири маълумоти кофӣ оид ба фариштаи марг ва чигунагии қабзи рӯҳи офаридаҳои Холиқи якто.

*Баргардонанда ва муҳаррир*
Довудхони Абдухон

*Хуруфчин*
Муҳаммади Маъсумӣ

*Тарроҳ ва масъули чоп*
Асадуллои Абдухон

Китоб дар матбааи ЧДММ «Сафват» ба табъ расид.

## Муқаддима

Худованд фариштагони бисёреро халқ фармуда, ки аз миёни онҳо чаҳор фаришта, яъне Ҷабраил, Исрофил, Микоил ва Азроил  аз ҳама бузургтар ҳастанд.

Саранҷоми кори ҳар инсоне бо Азроил бастагӣ дорад ва ӯ арвоҳи тамоми мавҷудотро бо изни илоҳӣ қабз мекунад. Худованд мавтро (маргро) махфӣ қарор дод ва ҳолати сакароти мавт (кандани ҷон барои инсон) аз аввалин ҳолоти охират аст.

Дар хақиқат, Аллоҳтаъоло арвоҳи мавҷудотро гирифта, ба сарои охират мебарад. Аммо барои сабаб Аллоҳтаъоло ҳазрати Азроилро барои қабзи арвоҳи инсонҳо ва дигар мавҷудот маъмур намуда, барои иҷрои ин маъмурият фариштагони зиёдеро зери фармони ӯ қарор додааст ва кори онон тибқи дастур қабзи арвоҳи мавҷудот аст.

Чунончи дар чандин ҷой аз Қуръон ва дар аҳодиси зиёде зикри ҳазрати Азроил ва фариштагоне, ки таҳти фармони ӯ қарор дода шудаанд, омадааст. Барои огоҳии харчи бештар ҳамаи ин оёт, аҳодис ва осорро якҷо ҷамъ намудаем, то муштокон харчи бештар аз онҳо баҳраманд гарданд.

Мавлоно Фазларраҳмон Рашидӣ,
мудири мадрасаи динии «Махзаналулум».

# ОЁТИ ҚУРЪОНИ ДАР МАВРИДИ ФАРИШТАИ МАРГ

۞ قُلۡ يَتَوَفَّىٰكُم مَّلَكُ ٱلۡمَوۡتِ ٱلَّذِي وُكِّلَ بِكُمۡ ثُمَّ إِلَىٰ رَبِّكُمۡ تُرۡجَعُونَ ﴿١١﴾

«(Эй Расул (с), **бифармоед ҳамон фариштаи мавге, ки аз ҷониби Аллоҳ бар шумо муаккал аст, рӯҳи шуморо қабз мекунад, сипас ба сӯи Парвардигоратон бозгардонда мешавед»** *(Сураи «Саҷда», ояи 11).*

إِنَّ ٱلَّذِينَ تَوَفَّىٰهُمُ ٱلۡمَلَٰٓئِكَةُ ظَالِمِيٓ أَنفُسِهِمۡ قَالُواْ فِيمَ كُنتُمۡ ﴿٩٧﴾

**«Яқинан, ононе ки бар нафсҳояшон зулм мекарданд, ҳангоме ки фариштаҳо арвоҳашонро қабз карданд»** *(Сураи «Нисо», ояи 97).*

فَكَيۡفَ إِذَا تَوَفَّتۡهُمُ ٱلۡمَلَٰٓئِكَةُ يَضۡرِبُونَ وُجُوهَهُمۡ وَأَدۡبَٰرَهُمۡ ﴿٢٧﴾

**«Пас чӣ гуна хоҳад буд ҳолашон, вақте ки фариштаҳо арвоҳашонро бигиракд, ба он ҳоле ки чеҳраҳо ва пушҳояшонро мезананд»** *(Сураи «Муҳаммад», ояи 27).*

وَلَوۡ تَرَىٰٓ إِذِ ٱلظَّٰلِمُونَ فِي غَمَرَٰتِ ٱلۡمَوۡتِ وَٱلۡمَلَٰٓئِكَةُ بَاسِطُوٓاْ أَيۡدِيهِمۡ
أَخۡرِجُوٓاْ أَنفُسَكُمُ ﴿٩٣﴾

**«Ва агар бубинӣ, ҳангоме ки ситамгарон дар сахтиҳои мавт қарор мегиранд ва фариштаҳо дастҳояшонро дарозкуианда ҳастанд»** *(Сураи «Анъом», ояи 93).*

وَيُرْسِلُ عَلَيْكُمْ حَفَظَةً حَتَّىٰٓ إِذَا جَآءَ أَحَدَكُمُ ٱلْمَوْتُ تَوَفَّتْهُ رُسُلُنَا وَهُمْ
لَا يُفَرِّطُونَ ﴿٦١﴾

**«То ин ки мавти касе фаро мерасад, фиристодаҳои мо рӯҳашонро кабз мекунанд ва онҳо як зарра ҳа кӯтоҳӣ намекунанд»** ***(Сураи «Анъом», ояи 61).***

## ШАКЛ ВА СУРАТИ ФАРИШТАИ МАРТ

Ҳазрати Умар ибни Абдулазиз (раҳ.) мефармояд, ки дар мавриди фариштаи мавт ин хабар ба ман расидааст (валлоҳу аълам): Сараш бар Осмон аст ва пойҳояш бар рӯи Замин ва тамоми рӯи Замин тавре бар рӯи кафи дасташ қарор дорад, ки гӯё ҳаммонанди суфрае аст, ки пеши рӯи шумо гузошта шуда ва шумо аз он мехӯред. Фариштаи марг чеҳраи ҳар шахсро рӯзона 366 мартаба нигоҳ мекунад, дар ҳар манзиле рӯзона шашсад мартаба менигарад, ӯ дар васати дунё истодааст ва тамоми дунёро нигоҳ мекунад.

Укёнус, хушкӣ, дарё ва кӯҳ ҳама дар муқобилаш мисли он мемонанд, ки зери кадамҳоятон чанд тухми мурғ афтода бошад ва аз ҳамаи он фариштагоне, ки мададгорҳояш ҳастанд, ҳеҷ фариштае ин тавр нест, магар ин ки ӯро ҳукми луқма қарор додани Замину Осмон бирасад ва ба маҳзи расидани ҳукм фавран онхоро як луқма қарор хоҳад дод.

Ҳазрати Умар ибни Абдулазиз (раҳ.) мефармояд: Ин хабар ҳам ба ман расида, ки фариштаҳо аз фариштаи мавт ба ҳадде метарсаид, ки шумо аз

дарандаҳо метарсед. Хар гоҳ фариштаи мавт аз канори фариштае аз фариштаҳои ҳомили Арш мегузарад, аз шиддати хавф гудохта мегардад, то ин ки ба андозаи як мӯй мерасад.

Ҳазрати Амиралмӯъминин (раҳ.) мефармояд: Дар мавриди фариштаи мавт ин хабар ҳам ба ман расида, ки вақте рӯхро аз аъзо ва ҷаворихи (ҷисми) касе бсрун мекунад, рӯҳаш аз як узве ба узви дигар намерасад, магар ин ки шаддат ва сахтиаш беш аз шиддати ин хоҳад буд, ки бар ӯ ҳазор зарбаи шамшер воқсъ гардад.(Яъне, хангоме ки фариштаи мавт рӯҳро қабз мекунад, он шахсро ба андозае машаққат хоҳад расид, ки агар) сахтии (ба андозаи) мӯи мурдаро бар осмонҳо ва Замин бигузоранд, ҳама об хоҳанд гардид. Чун рӯҳ ба халкум мерасад, баъд аз он ба фариштаи мавт супурда хоҳад шуд.[1]

## МУЛОҚОТИ ҲАЗРАТИ ОДАМ БО ҲАЗРАТИ АЗРОИЛ (а)

Аз ҳазрати Икрима (р) инчунин ривоят шуда, ки дар бархе аз саҳифаҳои ҳазрати Шис (а) дидаам, ки ҳазрати Одам (а) фармуд: Эй Аллоҳ, ҳазрати Азроил алайҳиссаломро ба мулоқоти ман дарор, то ӯро бубинам. Худованд ваҳй фармуд: Эй Одам, Азроил алайҳиссалом дорои ончунон сифоте аст, ки ту тавони таҳаммули онро нахоҳй дошт. Албатта, уро ба ҳамон шакле, ки пеши анбиё, асфиё ва баргузидагон меояд, хоҳам фиристод.

Худованд ҳазрати Ҷабраил алайҳиссаломро фиристод ва ба ҳамроҳи онон фариштаи мавт ба

[1] «Аттазкирах фи авалил мавти ва умурил охираҳ», саҳ.2.3

шакле зоҳир гардид, ки аз байни болҳояш чаҳор ҳазор болро паҳн карда буд. Яке аз болҳояш аз Замин ва осмонҳо берун омада буд ва боли дигараш аз заминҳо низ таҷовуз карда буд ва як боли дигар ба интиҳои машриқ расида буд ва боли дигар аз интиҳои мағриб низ таҷовуз карда буд, дар ҳоле ки Замин ва ҳар он чи бар рӯи он мавҷуд аст ва ба ҳамроҳи ҳамаи он маконҳое, ки ин мавҷудот дар онҷо вуҷуд доранд, дар муқобилаш мисли он мемопд, ки як донаи арзан дар саҳро афтода бошад.

Ва бисёре аз чашмонаш тавре ҳастанд, ки онҳоро намекушоянд, магар ин ки ба онҳо ниёзе пайдо кунад ва бархе аз болҳояш тавре хастанд, ки онҳоро намекушоянд, магар ба вақти зарурат, бархе аз болҳояш барои хушхабару мужда додан мебошанд, ки тавассути онҳо бандагони неку солехро хушхабар медиҳад ва бархе барои зоҳир кардани куффор мебошанд, ки дар онҳо сиххои оҳанин ва қайчӣ вуҷуд дорад. Ба маҳзи ин ки ҳазрати Одам алайҳиссалом инро шунид, овозе кашиду то ҳафт рӯз беҳуш гардид.[1]

## МУЛОҚОТИ РАСУЛУЛЛОҲ (с) БО ФАРИШТАИ МАРГ ДАР ШАБИ МЕЪРОҶ

Аз ҳазрати ибни Аббос (р) ривоят шуда, ки Расулуллоҳ (с) дар шаби меъроч аз канори фариштае, ки бар сандалие нишаста буд, гузаштанд ва дар ҳамин замон ҳама дунё бо ҳамроҳи он чи дар ӯст дар миёни ду зонуяш мавҷуд буд ва дар муқобилаш тахти навишташудае мавҷуд буд, ки ба сӯяш нигоҳ мекард,

[1] «Китобуннасоеҳ», саҳ.74

тавре ки на ба тарафи рост мутаваҷҷеҳ мешуд ва на ба тарафи чап. Аз ҳазрати Ҷабраил (а) пурсидам: Ин чӣ касе аст? Фармуд: Ин фариштаи мавт аст. Аз фариштаи мавт пурсидам: Чӣ гуна қодир ба қабзи арвоҳи ҳамаи мавҷудоти коинот мебошӣ? Гуфт: Оё намебинӣ, ки ҳамаи коинот дар миёни ду зонуи ман қарор дорад ва ҳамаи маҳлуқот дар муқобили диди (назари) ман мебошанд? Дастҳоям то машриқ ва мағриб мерасанд. Ҳар вақт аҷали шахсе фаро мерасад, фавран бар ӯ назар меафканам ва баъд аз он муовинонам аз қабзи рӯҳаш огоҳӣ мeёбанд ва ӯро дар фишори хеш қарор медиҳанд ва рӯҳро аз баданаш берун мекунанд. Ва ҳар гоҳ рӯҳ бо ҳалқумаш бирасад, ман аз он огоҳ мешавам ва бароям ҳеҷ гуна мушкилӣ пеш намеояд, чунончи рӯҳашро қабз намуда, онро дар ихтиёри худам қарор медиҳам.[1]

## МУЛОҚОТИ ҲАЗРАТИ ИБРОҲИМ (а) БО ФАРИШТАИ МАРГ

Ҳазрати Убайд ибни Умайр (раҳ.) ривоят мекунад: Ҳазрати Иброҳим (а) дар манзилаш буд, ки шахси хубсурате вориди онҷо шуд. Ҳазрати Иброҳим (а) пурсид: Бо иҷозаи чӣ касе вориди манзили ман шудӣ? Фариштаи мавт гуфт: Бо иҷозаи соҳиби манзил. Ҳазрати Иброҳим (а) фармуд: Соҳиби манзил ман ҳастам. Гуфт: Ман фариштаи мавт ҳастам. Ҳазрати Иброҳим (а) фармуд: Он нишонаҳоеро, ки ҳасту баён гардидаанд, дар ту намебинам. Фариштаи мавт гуфт: Каме чеҳраатонро (рӯятонро) баргардонед. Чун

[1] «Аттазкираҳ», саҳ.72

ҳазрати Иброҳим (а) чеҳраашро баргардопд, бо манзараи аҷибе бархӯрд кард. Дид, ки фариштаи мавт соҳиби чашмони зиёде шуда, тавре ки ҳар мӯяш чашме буд. Ҳазрати Иброҳим (а) аз ин ҳолати фариштаи мавт паноҳ гирифт ва ба ӯ гуфт, ки ба ҳолати қаблиат баргард. Баъдан фариштаи мавт гуфт: Эй Иброҳим (а), ҳар вақт Худованд маро ба (ҳар он касе,) ки хоҳони дидору мулоқот бо Аллоҳ мебошад, (фиристад,) ба сурати аввал мефиристад ва ҳар гоҳ маро ба назди шахсе фиристад, ки аз мулоқот бо Худо хушаш намеояд, ба шакли дуюм мефиристад.[1]

## ТАМОМИ ЗАМИН ДАР МУҚОБИЛИ ФАРИШТАИ МАРГ МОНАНДИ МАЙДОНИ СОФЕ АСТ

Муҷоҳид (р) ривоят мекунад, ки Замин барои фариштаи мавт ҳаммонани майдони софе аст, ки аз ҳар куҷо бихоҳад, метавонад рӯҳро қабз бикунад ва фариштагони мададгор низ барояш муқаррар гардида, ки онҳо арвоҳро қабз намуда, (онҳоро) ба фариштаи мавт медиҳанд.[2]

Ҳаким ибни Ъайина (раҳ.) баён мекунад: Дунё дар муқобили фариштаи мавт монанди ин аст, ки дар муқобили шахсе майдони софе бошад.[2]

Ҳадаф ин аст, ки дар майдони соф ҳар чиз ошокоро дида мешавад ва барои ба даст овардани он ҳеҷ гуна монеае пеш намеояд.

[1] Ибни Абӯддунё.
: Имом Аҳмад.

## МУСАХХАР ШУДАНИ ДУНЕ БАРОИ ФАРИШТАИ МАРГ

Хаким (раҳ.) ривоят мекунад, ки ҳазрати Яъқуб (а) аз фариштаи мавт пурсид: Оё арвоҳи ҳамаи инсонҳоро ту кабз мекунӣ? Гуфт: Оре. Ҳазрати Яъқуб (а) пурсид: Чй гуна қабз мекунй, ҳоло ки ту дар назди ман ҳастй ва арвоҳ дар атрофу акнофи Замин қарор доранд? Фариштаи мавт гуфт: Ҳамон тавр ..и дар муқобили ту суфраи гизо паҳн мегардад ва ҳар гизоеро, ки бихоҳй, метавонй онро бидуни камтарин мушкилй (аз он) бардорӣ, Аллоҳтаъоло заминро ҳам ба ҳамин сурат бароям мусаххар намуда ва ҳайсияти ман (дар қабзи арвоҳ) айнан ба ҳамин сурат аст.[1]

Ҳазрати ибни Аббос (р) мсфармояд: Чӣ қадаре шумо бар чизҳои (дар) кафи дастатон(буда) мусаллат мебошед, фариштаи мавт ҳам бар ҳамаи чизҳои заминй мусаллат мебошад ва фариштаҳои азобу раҳмати зиёде ба ҳамроҳаш ҳастанд. Ҳар гоҳ қарор бошад рӯҳи шахси муттақй (ботақво) ва парҳезгореро қабз кунад, вайро таҳвили фариштаҳои раҳмат ва ҳар гоҳ дар паи қабзи рӯҳи инсони бадкору гунаҳгоре бошад, онро таҳвили фариштаҳои азоб медиҳад.[2]

Ҳазрати Зубайр ибни Муҳаммад (раҳ.) ривоят мекунад: Шахсе аз Расулуллоҳ (с) пурсид: Фариштаи мавт яке аст ва ин ҳам мумкин аст, ки дар машриқ ва магриб лашкариёне бо ҳамдигар (дар набард) шаванд ва бисёри онҳо (бо) як дафъа бимиранд? Расулуллоҳ (с) дар ҷавобаш фармуданд: ***«Худованд дунёро дар ҳаққи фариштаи мавт тавре тартиб дода, ки дар***

[1] Ибни Абуддунё.
[2] Ҷувайр фи тафсириҳ.

***муқобили шумо таште гузошта шуда боишд ва аз ин ташт шумо ҳар чи бихоҳед, метавонед онро бардоред, ба ҳамин сурат дунё барои фariштаи марг мусаххар гардонида шуда».***

## ФАРИШТАИ МАРГ ЧӢ ГУНА АРВОҲИ МӮЪМИНОНУ КОФИРОНРО ҚАБЗ МЕКУНАД?

Аз ҳазрати Каъб (р) ривоят шуда: Ҳазрати Иброҳим (а) шахсеро дар манзилаш дида, аз ӯ пурсид, ки ту чӣ касе ҳасти? У гуфт: Ман фариштаи мавт ҳастам. Ҳазрати Иброҳим (а) пурсид, ки агар рост мегӯӣ, мадорике (далелу санаде) ирода кун, то ман бидонам, ки ту фариштаи мавт ҳастӣ. Фариштаи мавт гуфт, ки чеҳраатро (рӯятро) баргардон, Ҳазрати Иброҳим (а) баъд аз баргардондани чеҳрааш фариштаи мавтро дар он шакл ва сурате дид, ки арвоҳи мӯъминро қабз мекунад.

Рови баён мекунад, ки ҳазрати Иброҳим (а) ончунон чеҳраи зебое дид, ки онро ба ғайр аз Аллоҳ каси дигар намедонад. Сипас фариштаи мавт ба ҳазрати Иброҳим (а) гуфт: Дубора чсҳраатро баргардон. Ҳазрати Иброҳим (а) баъд аз баргардонидани чеҳрааш фариштаи мавтро дар он шакле мушоҳида кард. ки арвоҳи бадкорону гунаҳгоронро қабз мекунад. Вақте ҳазрати Иброҳим (а) чеҳраи ҳавлноки фариштаи мавтро дид, бар ӯ хавфу тарси шадиде падид омад.

Ҳазрати ибни Масъуд (р) ва ибни Аббос (р) ривоят мекунанд, ки вақте Худованд ҳазрати Иброҳим (а)-ро халили худаш қарор дод, фариштаи мавт аз Аллоҳ гақозо намуд, ки оё иҷозаи инро дорам, ки бо ҳазрати Иброҳим (а) ин хушхабарро

бидиҳам, ки Худованд туро халили худаш қарор дода? Фариштаи мавт пеши ҳазрати Иброҳим (а) омад ва ӯро хушхабар дод, ки Аллоҳ туро ба унвони халили худаш баргузида. Ҳазрати Иброҳим (а) ҳамд ва сипоси Аллоҳро ба ҷой овард ва ба фариштаи мавт гуфт: Ман биҳоҳам бидонам, ки дар чӣ ҳолате рӯҳи кофарро қабз мекунӣ? Фариштаи мавт гуфт: Тавон ва қудрати таҳаммули онро надорӣ. Вақте ҳазрати Иброҳим (а) ба сӯяш мутаваҷҷеҳ шуд, дид, ки як шахси сиёҳе истода, ки сараш наздики Осмон аст ва ҳар мӯи баданаш ҳаммонанди чашми инсон аст ва аз гӯшу даҳонаш шуълаҳои оташ шуълавараид. Ҳазрати Иброҳим (а) бо мушоҳида кардани ин манзара беҳуш гашт ва баъд аз ин ки ба ҳуш омад, фариштаи мавт ба шакл ва сурати аввалааш даромада буд. Ҳазрати Иброҳим (а) фармуд: Агар барои кофир азоби дигар ҳам набошад, ҳамин вазъияту хашмнокии ту барояш ба унвони азоб кифоят хоҳад кард. Бисёр хуб, ҳоло бигӯ, чӣ гуна арвоҳи аҳли эмонро мегирӣ? Гуфт: Чеҳраатро бигардон. Ҳазрати Иброҳим (а) вақте чеҳраашро бигардонд, навҷавони хубсуратеро дид, ки чеҳрааш нуронӣ ва либоси сафед пӯшида буд. Ҳазрати Иброҳим (а) фармуд: Эй фариштаи мавт, агар шахси мӯъмин ҳангоми қабзи рӯҳаш ҳамин ҳолати туро мушоҳида кунад, барои таскину оромиши хотири вай кифоят мекунад.

## ҚОСИДИ ФАРИШТАИ МАРГ

Қуртубӣ ривоят мекунад: Бархе аз паёмбарон (а) ба фариштаи мавт гуфтанд: Оё ту қосид надорӣ, ки қабл аз омаданат ӯро пештар бифиристӣ, то мардум битарсанд? Фариштаи мавт гуфт: Оре, ман қосиди

зиёде дорам аз қабили беморихо, сафед шудани мӯйҳо, пирӣ, тағйир дар қувваи шунавой ва биной. Барои ҳар шахсе, ки ин мавридҳо пеш биёянду боз ҳам панду андарз ҳосил накунад ва аз гуноҳонаш тавба накунад, ҳангоми қабзи рӯҳ ба ӯ мегӯям: Оё барои огоҳонидани ту фиристодаҳоям ва манзуринро яке баъд аз дигаре ба наздат нафиристодам? Ва ман охирин расулам (фиристодаам), ки баъд аз ман ҳеҷ расуле нахоҳад омад ва ман он манзуре ҳастам, ки баъд аз ман ҳеҷ манзуре нахоҳад омад.

Ҳар субҳ фариштае садо мезанад: Эй он шахсе, ки ҷиҳил, панҷоҳ ё шаст сол аз умрат гузашта ва акнун фасли дарав фаро расида, ту ба таври куллӣ муҷозотро ба фаромӯшӣ супурдай ва аз посух додан дар пешгоҳи илоҳӣ ба таври куллӣ ғофил гаштай! Акнун, ту ҳеҷ гуна ёвару мададгоре нахоҳӣ дошт![1]

## ЧӢ КАСЕ РӮҲРО ҚАБЗ МЕКУНАД?

Вахб ибни Мунаббаҳ (раҳ.) мефармояд: Ҳамон фариштагоне, ки дар пеши ашхос мебошанд, (вақт)-и мурданашонро менависанд ва арвоҳро қабз мекунанд ва онҳоро таҳвили фариштаи мавт медиҳанд...[2]

## ҶАМЪОВАРИИ ХОКИ ХИЛҚАТИ ОДАМ ТАВАССУТИ АЗРОИЛ (а)

Ҳазрати Абӯҳурайра (р) мефармояд: Ҳангоме ки Худованд иродаи офариниши Одамро намуд, ба яке

[1] «Аттазкираҳ».
[2] Абӯшшайх.

аз фариштагони ҳомилин ваҳй дод, то хоки хилқати Одамро аз замин биёварад. Вақте он фаришта барои гирифтани хок ба Замин омад, Замин ба ӯ гуфт: Ба хотири Аллоҳ аз ту хоҳише дорам - ба он Худое, ки туро фиристода аз рӯи ман чизе барнадор, ки фардои қиёмат ҷузви оташ қарор гирад.

Он фаришта бидуни он ки чизе бардорад, ба назди Аллоҳтаъоло баргашт. Худованд пурсид: Чаро бидуни он, ки чизе бардорӣ, баргаштӣ?

Фаришта гуфт: Замин ба воситаи номи Ту аз ман хост, то чизе барнадорам. Ин буд, ки ба хотири азамату воситаи номат аз ин кор бозомадам.

Сипас Худованд фариштаи дигарро фиристод. бо вай низ ҳамон ҳолати фариштаи аввал пеш омад, то ин ки Аллоҳтаоло фариштаи мавтро барои ин маъмурият фиристод. Замин ҳамон дархости қаблиро намуд, аммо фариштаи мавт гуфт: Он зоте, ки маро фиристода, нисбат ба ту бештар лоиқи итоат аст. Ва аз ҳар куҷои рӯи Замин хоки хилқати Одамро ҷамъ ва онро ба хидмати Бори таъоло хозир намуд. Сипас, оби Биҳишт бар он рехта шуд ва гили Одам мураттаб гардид ва дар ниҳоят Одам аз он гил офарида шуд.[1]

## МАСЪУЛИЯТИ ЧАҲОР ФАРИШТАИ БУЗУРГ

Ибни Собит (раҳ.) мефармояд, ки чаҳор фариштаи бузург тадбири корҳои дунёро ба ӯҳда даранд: Ҷабраил масъулияти интизомоги лашкарҳо ва ҳавохоро, Микоил масъулияти борандагиҳо ва

[1] Ибни Абӯҳотим.

гиёҳонро, Азроил масъулияти қабзи арвоҳро ва Исрофил масъулияти дамидан дар сурро бар ӯҳда доранд[1].

## МУОВИНОНУ МАДАДГОРОНИ ФАРИШТАИ МАРГ

Ибни Аббос (р) дар тафсири «фалмудаббироти амро» мефармояд: Манзур аз «мудаббирот» он даста аз фариштагоне ҳастанд, ки ҳангоми қабзи арвоҳ бо фариштаи мавт мебошанд. Бархе аз онон рӯҳро ба боло мебаранд ва бархе бар дуоҳо омин мекунанду барои майит талаби магфират мекунанд, то ин ки намози чанозаи мурда хонда мешавад ва ӯро дафн мекунанд.

## ФАРИШТАИ МАРГ БУЗУРГТАРИН АФСАР АСТ

Аз Рабиъ ибни Анас (раҳ.) пурсиданд: Оё танҳо Азроил қабзи рӯҳ мекунад? Фармуд: Ӯ лашкари олирутбаи қабзи рӯҳ аст, аммо муовинони бисёре дорад ва ҳар қадаме, ки фариштаи мавт мегузорад, аз магриб то машриқ аст. Пурсида шуд: Рӯҳи мӯъмин дар кучост? Фармуд: Дар назди «Сидратулмунтаҳо».[2]

## ГИРЯИ ФАРИШТАГОН БАР КАСОНЕ, КИ ДАР ГАРИБИ МЕФАВТАНД

Аз ҳазрати Ҳасан (р) ривоят шуда: Ҳар гоҳ шахси мӯъмин дур аз Ватан вафот мекунад, Худованд

[1] Ибни Абӯҳотим, Абӯшшайх.
[2] Абӯшшайх ибни Ҳаббон.

бинобар гурбати он маййит бар ӯ раҳм мекунад ва ӯро аз азоб наҷот медиҳад ва ба фариштагон дастур медиҳад, ки бар ӯ бигирянд, зеро аз аҳлу аёлаш касе нест, ки бар ӯ бигиряд.[1]

## ШИРКАТИ ФАРИШТАГОН ДАР ҶАНОЗА

Аз ҳазрати Абуғафла (р) ривоят шуда: Фариштагон пешопеши ҷаноза ҳаракат мекунанд. Мардум бо ҳамдигар мегӯянд: (Фалои) мурда чи чизе ба ҷой гузошта? Ва фариштагон мегӯянд: (Чи чизе ба пеш фиристода?)[2]

Аз ҳазрати Абулхолид (р) ривоят шуда: Ҳазрати Довуд (а) аз Аллоҳ пурсид: Подоши касе, ки ба хотири ризоят ба ҳамроҳи ҷаноза ҳаракат мекунад, чй мебошад? Фармуд: Ин хоҳад буд, ки баъд аз вафоташ фариштагон дар ташйиъи ҷанозааш ширкат ҷуста, бар рӯҳаш дуруду раҳмат мефиристанд.[3]

Аз ҳазрати ибни Масъуд (р) ривоят шуда: Расулуллоҳ (с) фармуданд, ки Ҳазрати Довуд (а) фармуд: Эй Аллоҳ, подоши касе, ки ба хотири ризои Ту то қабристон дар ташйиъи ҷаноза ширкат мекунад, чй мебошад? Фармуданд: Подошаш ин аст, ки фариштагон дар ташйиъи ҷанозааш ширкат мекунанд ва бар рӯҳаш дуруд мефиристанд.[4]

1 Ибни Абӯддунё
2 Саъид ибни Мансур.
3 Ибни Абӯддунё.
4 Ибни Асокир.

## БАРХУРДИ ФАРИШТАИ МАРГ БО ВАЛИ ВА ҒАЙРИ ВАЛИ

Х,азрати Анас ибни Молик (р) мефармояд, ки. Расулуллоҳ (с) фармуданд: ***«Вақте фаршитаи мавт ба назди валие аз авлиёуллоҳ меравад, қабл аз ҳар чиз ӯро салом мекунад, ки ассалому алайк ё валиюллоҳ*** (эй валии Аллоҳ бар ту салом бод) ***аз манзиле, ки онро хароб кардӯ, биё, то ба тарафи он манзиле биравем, ки онро обод кардаӯ. Ва ҳар гоҳ пеши ишхсе меравaнд, ки аз валиюллоҳ нест, ба ӯ мегӯянд: Бархез аз ин манзиле, ки онро обод кардаӯ, ба сӯи он манзиле бирав, ки онро хароб кардаӯ.***[1]

## АРВОҲИ ПАШШАҲОРО НИЗ ФАРИШТАИ МАРГ ҚАБЗ МЕКУНАД

Аз ҳазрати Сулаймон ибни Маъмаралкилобӣ (раҳ.) ривоят шуда, ки дар маҳзари имом Молик (раҳ.) ҳозир шудам. Шахсе пурсид: Оё арвоҳи пашшаҳоро ҳам фариштаи мавт қабз мекунад? Имом Молик (раҳ.) чанде хомӯш монд ва пас аз он пурсид: Оё пашша нафас мекашад? Гуфтанд: Оре, нафас мекашад. Имом Молик (раҳ.) фармуд: Арвоҳи онхоро фариштаи мавт қабз мекунад ва Аллоҳтаъоло ҳангоми вафот онҳоро мавт медиҳад.[2]

[1] «Фавоид»-и Абулҳасан ибни Ариф, «Фавоид»-и Абурабеъи Масъудн.
[3] Хатиб дар ривояти Молик.

## НАЙЗАВУ ХАНҶАРИ ФАРИШТАИ МАРГ

Ҳазрати Маъоз ибни Ҷабал (р) мефармояд: Дар назди фариштаи мавт ончунон найзаҳоест, ки мағриб ва машриқро дар бар мегиранд. Хар гоҳ умри шахсе ба поён мерасад, аз он найзаҳо бар сараш мезанад ва ба ӯ мегӯяд, ки лашкари мавт дар интизори ту мебошад.[1]

Аз ҳазрати ибни Аббос (р) ривоят шуда, ки Расулуллоҳ (с) фармуданд: ***«Дар назди фариштаи мавт наӯзаи заҳролуде ҳаст, ки як сараш дар магриб ва сари дигараш дар машриқ мебошад ва тавассути он раги ҳаётро қатъ мекунад».***[2]

## БАР НАРДБОН НИШАСТАНИ ФАРИШТАИ МАРГ

Ҳазрати Зубайр ибни Муҳаммад (раҳ.) мефармояд: Фариштаи мавт бар рӯи нардбоне байни Замину Осмон нишаста, ва дар байни фариштагон қосиде дорад. Хар гоҳ нафас дар миёни ҳалқум мерасад, Малакулмавт аз рӯи ҳамон нардбон ба сӯяш менигараду нигоҳашро бар ӯ мутамарказ мекунад ва ин назар андохтан охирин ҳолати шахс дар ҳоли марг мебошад.[3]

[1] «Ҳулият-у-лавлиё».
[2] Ибни Асокир.
[3] Ибни Абӯҳотим.

## ЧИ КАСЕ АРВОҲИ ҶОНВАРОНРО ҚАБЗ МЕКУНАД?

Ҳазрати Анас (р) мефармояд, ки Расулуллоҳ (с) фармуданд: ***«Умри чонварон, кирмҳои заминӯ ва анкабутҳо дар тасбеҳи онҳо мебошад*** (яъне умрашон ба тасбеҳ гуфтанашон бастагӣ дорад). ***Ҳар вақт тасбеҳи яке аз онҳо комил мегардад, Худованд рӯҳашро қабз мекунад ва дар қабзи арвоҳи онҳо фариштаи мавт нақше надорад».***[1]

## АРВОҲИ ҶИНҲО, ШАЁТИН ВА ПАРРАНДАГОНРО ДИГАР ФАРИШТАҲО ҚАБЗ МЕКУНАНД

Ҳазрати ибни Аббос (р) мефармояд: Вазифаи фариштаи мавт қабзи арвохи инсонҳо мебошад, аммо барои қабзи арвоҳи чинҳо фариштаҳои дигар, барои шаётин фариштаҳои дигар ва барои паррандагон, даррандагон, моҳиҳо ва мӯрчаҳо фариштаҳои дигар муқаррар мебошанд.

Инҳо чаҳор фариштаанд, ки бо аввалин суре, ки дамида мешавад, онҳо ҳам мемиранд ва фариштаи мавт арвоҳи онҳоро қабз мекунад.

Албатта, шуҳадое, ки дар дарё шаҳид мегарданд, мустақиман Худованд онҳоро қабзи рӯҳ мекунад. Ва ба хотири он азамате, ки доранд, қабзи рӯҳи онҳоро таҳвили фариштаи мавт накарданд. Зеро онхо дар роҳи Худо, ба хотири адои ҳаҷ аз тариқи дарё раҳсипор шуда буданд.[2]

[1] Ибни Абӯддунё.
[2] Ҷувайр.

## ФАРИШТАИ МАРГ БА ЯК ВАҚТ ЧИ ГУНА АРВОҲИ БЕШУМОРЕРО ҚАБЗ МЕКУНАД?

Ашъаб ибни Аслам (раҳ.) ривоят мекунад ки ҳазрати Иброҳим (а) аз фариштаи мавт пурсид: Вақте карор аст, якеро дар машрик ва дигареро дар мағриб ва ё ин ки дар минтақае вабо биафтад ва ё ин ки ду лашкар бо ҳамдигар даргир бишаванд ва дар ҳамин зимн афроди зиёде қарор аст бимиранд, дар он сурат онҳоро чӣ гуна қабзи рӯҳ мекунӣ? Фариштаи марг посух дод: Ба изни илоҳӣ арвоҳи онҳоро садо мезанам, ҳамаи онҳо дар миёни ду ангуштонам қарор мегиранд.

Ровӣ мефармояд: Замин барои фариштаи мавт мисоли як ташт аст. Бинобар ин, ҳар тавр биҳоҳад, метавонад қабзи рӯҳ бикунад.[1]

## БА НИДОИ ФАРИШТАИ МАРГ «ЛАББАЙК» ГУФТАНИ АРВОҲ

Абӯқайси Удй (раҳ.) ривоят мекунад: Аз фариштаи мавт савол шуд, ки чй гуна арвоҳро қабз мекунй? Посух дод: Онҳоро садо мезанам ва онҳо нидоямро лаббайк мегӯянд.[2]

## ТАМОМИ ДУНЁ ВА ФАРИШТАИ МАРГ

Шаҳр ибни Ҳушаб (раҳ.) ривоят мекунад: Дар он ҳоле ки фариштаи мавт нишаста мебошад, ҳамаи коинот дар миёни ду зонуяш мавҷуд хоҳад буд ва вараќи аҷали ҳамаи инсонҳо дар дасташ мебошад. Ва

[1] Ибни Абӯддунё, Абӯшшайх.

[2] Динури.

дар пеши рӯяш фариштагон истодаанд ва фариштаи мавт бар он варақ назар меандозад ва аҷали ҳар касе, ки фаро расида бошад ба муовинонаш дастур медиҳад, то руҳашро қабз кунанд.[1]

## ДАР РӮЗ СЕ МАРОТИБА ДАВР ЗАДАНИ ФАРИШТАИ МАРГ

Ҳазрати Ҳасан (р) мефармояд: Фариштаи мавт рӯзона дар ҳар манзиле се маротиба давр мезанад ва нигоҳ мекунад, ки оё ризқи касе ва ё ин ки умри касе ба иоён расидааст ё на. Ҳар он касеро, ки ризқаш ба поён расида бошад, рӯҳашро қабз мекунад ва ҳар гоҳ ворисонаш бар ӯ мегирянд, фариштаи мавт дар дари (дарвоза)-и манзил истода, мегӯяд: Ман гуноҳе надорам, зеро маъмурам, ба Худо савганд на ман ризқашро хӯрдам ва на заррае аз умраш костаам. Ман ба манзили шумо мудом рафтуомад дорам ва касеро ҳам зинда нахоҳам гузошт.

Ҳазрати Ҳасан (р) мефармояд: Агар аҳли манзил манзараи истодани фариштаи мавтро дар он ҳол мушоҳида бикунанду суханашро бишунаванд, аз мурдаашон ғофил хоҳанд гашт ва бар ҳоли зори худашон хоҳанд гирист.[2]

## ДУ МАРОТИБА ДАР ЯК РӮЗ МУСОФАҲА КАРДАНИ ФАРИШТАИ МАРГ

Ҳазрати Абдулаъло Аттамимӣ (раҳ.) мефармояд: Ҳеч аҳли манзиле нест, магар ин ки фариштаи мавт

[1] Ибни Абуддунё, Абушшайх, Абунаъим.
[2] Ибни Абӯддунё, Абӯшшайх.

рӯзона ду маротиба бо вай мусофаҳа (вохури) менамояд.[1]

## ДАВР ЗАДАНИ ФАРИШТАИ МАРГ ДАР ҲАР МАНЗИЛ

Ҳазрати Муҷоҳид (раҳ.) мефармояд, ки бар рӯи Замин ҳеҷ манзил ва маҳалли сукунате нест, магар ин ки фариштаи мавт дар он ҷо ду мартаба сар назанад.[2]

## ПАНҶ МАРТАБА ДАР РӮЗ НИГОҲ КАРДАНИ ФАРИШТАИ МАРГ

Ҳазрати Аттор ибни Ясор (раҳ.) ривоят мекунад: Фариштаи мавт дар ҳар рӯз панҷ мартаба давр мезанаду менигарад, ки оё касе ҳаст, ки ҳукми қабзи рӯҳаш содир шуда (бошад).[3]

## ДАР ҲАР МАНЗИЛ ҲАФТ МАРОТИБА НИГОҲ КАРДАНИ ФАРИШТАИ МАРГ

Ҳазрати Каъб (р) ривоят мекунад: Дар ҳар манзиле, ки дар он ҷо шахсе зиндагӣ мекунад, фариштаи мавт рӯзона дар он манзил ҳафт мартаба нигоҳ мекунад. (Ба ин хотир, ки) оё дар он манзил касе аст, ки ҳукми қабзи рӯҳаш содир шуда бошад?[4]

[1] Ибни Абӯддунё, Абӯшшайх.
[2] «Мусаннаф»-н Абдураззоқ, Ибни Абӯҳотим, Абӯшшайх.
[3] Саъид ибни Мансур
[4] Ибни Абӯхотим

## ҲУЗУРИ ФАРИШТАИ МАРГ ДАР ҲАР СОАТ ПЕШИ ҲАР СОҲИБИ РУҲ

Собит Банонӣ (раҳ.) ривоят мекунад, ки дар ҳар соате аз бисту чаҳор соат (шаборӯзӣ) фариштаи мавт пеши ҳар шахсе мавҷуд хоҳад буд. Чунончи агар дар ои соат ҳукми кабзи рӯҳи он шахс содир шуда бошад, рӯҳашро қабз хоҳад намуд, варна аз он ҷо бархоҳад гашт.[1]

## ҲАР ШАХСЕРО ҲАФТОД МАРТАБА ДАР ҲАР РӮЗ НИГОҲ КАРДАНИ ФАРИШТАИ МАРГ

Ҳазрати Анас (р) марфӯъан ривоят мекунад, ки фариштаи мавт ҳар шахсеро дар хар рӯз ҳафтод мартаба нигоҳ мекунад, яъне чеҳраашро менигарад. Ҳар вақт он шахсе, ки фариштаи мавт маъмурияти қабзи рӯҳашро дорад, механдад, фариштаи мавт аз рӯи таҷҷуб мегӯяд: Фармони қабзи рӯҳашро додаанд ва ӯ (бошад) механдад.[2]

## КИТОБИ ЗИНДАГОНИРО НИГОҲ КАРДАНИ ФАРИШТАИ МАРГ

Ҳазрати Икрима (р) ривоят мекунад, ки фариштаи мавт дар ҳар рӯз се ё панҷ мартаба китоби зиндагонии ҳар шахсро нигоҳ мекунад.[3]

[1] Абӯнаъим
[2] «Айвоналахбор»- Тусй , Ибни Наҷҷор.
[3] Абӯшшайх.

## ФАРИШТАИ МАРГ ШАХСАИ ҚАБЗИ РӮҲ НАМЕКУНАД

Ҳазрати Ҳасима (раҳ.) мефармояд: Ҳазрати Сулаймои (а) бо фариштаи мавт дӯстӣ дошт. Рӯзе назди ҳазрати Сулаймон (а) омад ва ҳазрати Сулаймон (а) ба ӯ гуфт: Ту дар назди ҳамаи аҳли манзил меойӣ ва бархеро қабзи рӯҳ мекунию бархе дигарро, ки канори онҳо нишастаанд, ба ҳоли худашон раҳо мекунӣ. Фариштаи мавт гуфт: Аз қабл ман ҳеҷ гуна хабаре надорам, балки ман дар зери Арш ҳасгам ва аз он ҷо барои ман баргҳо андохта мешавад ва номҳои ононе, ки қарор аст қабзи рӯҳ бишаванд, (дар онҳо) дарҷ шудааст.[1]

## ФАРИШТАИ МАРГ МЕҲМОНИ ҲАЗРАТИ СУЛАЙМОН

Ҳазрати Ҳайсима (раҳ.) ривоят мекунад: Фариштаи мавт пеши ҳазрати Сулаймон (а) омад ва шурӯъ ба нигоҳ кардани меҳмони ҳазрати Сулаймон намуд ва мудом вайро менигарист. Баъд аз ин ки фариштаи мавт рафт, он меҳмон гуфт: Ин чӣ касе буд, ки мудом маро менигарист? Гӯё қасди қабзи рӯҳамро дошт. Ҳазрати Сулаймон (а) фармуд: Ҳоло ту чӣ мехоҳӣ? Гуфт: Орзуям ин аст, ки ба тахти равонат дастур бидиҳӣ, то маро ба Ҳиндустон бибарад. Ҳазрати Сулаймон (а) ба ҳаво дастур дод ва ҳаво ӯро ба Ҳиндустон бурд. Баъд аз он фариштаи мавт пеши ҳазрати Сулаймон (а) омад. Ҳазрати Сулаймон (а) аз фариштаи мавт хақиқати амрро ҷӯё

[1] Ибни Абӯшшайба.

шуд. Фариштаи мавт гуфт: Ман худам дар таҷҷубам, зеро ба ман дастур дода шуда буд, ки ӯро дар Ҳиндустон қабзи рӯҳ намоям, ҳол он ки ӯ дар пеши шумо буд.[1]

## ҲАЗРАТИ СУЛАЙМОН (а) АЗ ФАРИШТАИ МАРГ ДАРХОСТ КАРД, КИ ВАҚТИ МАВТАШРО БА У ХАБАР ДИҲАД

Аз ҳазрати Хасима (раҳ.) ривоят шуда: Ҳазрати Сулаймон (а) ба фариштаи мавт гуфт: Ҳар вақт хостӣ, ки рӯҳамро қабз бикунӣ, маро огоҳ кун. Фариштаи мавт гуфт, ман беш аз ту хабаре надорам, зеро номи он афроде, ки қарор аст қабзи рӯҳ бишаванд, андохта мешавад (ва ман ҳам гибқи ҳамон нома қабзи рӯҳ мекунам).[2]

## БЕХАБАРИИ ФАРИШТАИ МАРГ АЗ АҶАЛИ ШАХСЕ ҚАБЛ АЗ ВАЪДА

Дар Қуръони маҷид омада:

وَهُوَ ٱلَّذِى يَتَوَفَّىٰكُم بِٱلَّيْلِ ﴿٦٠﴾

**«Ва ҳуваллазий ятаваффакум биллайли...»** - Ӯст (Аллоҳ), ки шабҳангом шуморо мавт медиҳад (мемиронад) ***(Сураи «Анъом», ояи 60).***

Икрима (р) дар тафсири ин оя мефармояд: Ҳар гоҳ ҷондорон ҳангоми шаб мехобанд, Худованд ононро мавт медиҳад (гӯё хоб навъи мавт аст) ҳеҷ шабе

1 Ибни Абӯшшайба.
2 Ибни Асокир

(ҳангоми хоб) ин тавр намегузарад, магар ин ки Худованд арвоҳро мавт медиҳад. Сипас аз ҳар нафсе дар мавриди моликаш роҷеъ ба аъмолаш дар ҳолати бедорӣ савол хоҳад гардид. Баъд аз он (Худованд) фариштаи мавтро фаро хонда, ба ӯ дастур медиҳад, ки рӯҳашро қабз бикун, рӯҳашро қабз бикун.[1]

Ҳазрати Маъмар (р) ривоят мекунад, ки ин хабар ба мо расида, ки фариштаи мавт аз мавти касе бохабар намегардад, магар ин ки ба ӯ дастур дода мешавад, ки рӯҳашро қабз кунад.[2]

## ДАР ШАБИ ПОНЗДАҲУМИ ШАЪБОН БА ФАРИШТАИ МАРГ ДОДАНИ НОМНОМАИ МУРДАҲО

Ҳазрати Ато ибни Ясор (раҳ.) мефармояд: Ҳар гох шаби понздаҳуми (моҳи) шаъбон фаро мерасад, номнома ва дастуроти лозим ба фариштаи мавт дода мешавад, ки тибқи он номи ҳар касеро, ки дар он сабт аст, дар он сол дар вақти мавъуд (ваъдадодашуда) рӯҳашро қабз бикунад.

Аммо аз сӯи дигар ҳамон инсоне, ки номаш ҷузви ҳамон номнома аст, бо камоли оромиш дар фикри зиндагии марфуъ (баланд)-е мебошад ва ҳамчунин дар паи никоҳ кардан бо занон аст ва машгули сохту соз ва таъмирот мебошад.[3]

[1]Ибни Абӯҳотам
[2] Имом Аҳмад, Ибни Абӯддунё.
[3] Ибни Абӯддунё.

## ИТОАТ НАМУДАНИ ФАРИШТАИ МАРГ АЗ ҲАЗРАТИ СУЛАЙМОН

Ҳазрати Доӯд ибни Хинд (раҳ.) мефармояд: Ин хабар ба ман расида, ки фариштаи мавт тобеи ҳазрати Сулаймон (а) буд ва ба ӯ дастур дода шуда буд, ҳар рӯз дар назди ӯ ҳозиру аз ниёзҳояш огоҳ бишавад ва модоме ки ниёзҳояшро баровара насохта, аз ӯ ҷудо нашавад. Чунончи ҳар рӯз ба шакли як инсон дар пешаш ҳозир мегашт ва мепурсид, ки ҳолатон чӣ гуна аст ва баъдан мегуфт, эй Расули Худо, оё ниёзе дорӣ? Агар (Сулаймон (а)) мефармуд: Оре. Он вақт аз ӯ ҷудо намегашт, то ин ки он ҳоҷатро баровара месохт ва агар мегуфт, ки ниёзе надорам, фариштаи мавт то фардои рӯзи баъд мерафт. Дар яке аз рӯзҳо пирмардеро дид, ки дар маҳзари ҳазрати Сулаймон (а) менишаст. Фариштаи мавт пурсид: Эй расули Худо ниёзе надорӣ? Он ҳазрат (а) фармуд: На. Фариштаи мавт он пирмардро бо дик ати хосе нигарист ва он пирмард аз шиддати хавф шурӯъ ба ларзидан намуд. Фариштаи мавт рафт. Он пирмард дар хамон ҳолати изтиробу парешонӣ истода буд ва аз ҳазрати Сулаймон (а) хоҳиш намуд, то ба ҳаво дастур диҳад, ки ӯро ба Ҳиндустон бубарад. Пас аз он фариштаи мавт ба маҳзари ҳазрати Сулаймон (а) ҳозир гашт ва ҳазрати Сулаймон (а) аз ӯ дар мавриди бархӯрдаш бо ҳамон пирмард савол кард. Фариштаи мавт фармуд: Дирӯз номаи аҷалаш ба ман таҳвил дода шуд, то рӯҳашро ҳангоми субҳ дар Ҳиндустон бигирам. Аммо вақте пеши ту омадам ва ӯро дар назди ту дидам, ҳайрон шудамва ба сӯи ӯ нигаристаму мутааҷҷиб шуда будам, ки чаро хаёлам дуруст нест. Аммо имрӯз субҳ

вақте ба он маҳали мавриди назар рафтам, ӯро дар ҳамон ҷо ёфтам, ки ба шиддат меларзид ва дар ҳамон ҷо рӯҳашро қабз намудам.[1]

## БА ФАРИШТАИ МАРГ ДАСТУР ДОДА ШУД, КИ БО МУЪМИН БА НАВЪИ АҲСАН ПЕШ ОЯД

Хазраҷ ривоят мекунад аз Расулуллоҳ (с), ҳангоме ки фариштаи мавтро дар назди як ансоре дид, фармуд: ***Эӯ фариштаи мавт, бо саҳобаи ман ба навъи аҳсан пеш биё. Бидуни тардид, вай мӯъмин аст.*** Фариштаи мавт гуфт: *Шумо хушҳол бошед ва чашмонатонро хунук гардонед. Ҳар вақт ман рӯҳи касеро қабз мекунам ва ворисонаш бар ӯ мегирянд, ман мегуям ба Худо қасам, ба ӯ зулме накардам ва ӯ қабл аз мавташ намурда ва аз дастури илоҳӯ ҳам пешӯ нагирифта, дар қабзи рӯҳаш ман ҳеҷ гуна тақсире надорам. Бинобар ин, агар шумо ба ҳукми илоҳӯ розӯ бошед, ба шумо аҷру савоб медиҳад, варна шумо муртакиби гуноҳ мегардед ва ман дар назди гиумо борҳо меоям. Аз ин хотир аз иртикоби ҳар гуна гуноҳ худатонро махфуз нигоҳ доред. Ман дар назди ҳар як аз шумо чи нек бошад ва чи бад, дар замини нарму ҳамвор бошад ва ё дар кӯҳистон, дар ҳар куҷо, ки бошад, давр мезанам ва ҳар як аз шуморо аз худатон ҳам бештар мешиносам. Ба Худо қасам, ба гайр аз иҷозаи илоҳӯ тавони қабзи рӯҳи як пашшаро ҳам надорам.*

Ҷаъфар ибни Муҳаммад (раҳ.) мефарамояд: Ин хабар ба ман расида, ки фариштаи мавт ҳангоми ҳар намоз мардумро талош ва ҷустуҷӯ мекунад ва

[1] Абушшайх.

мардумро хлш оми мавт нигоҳ мекунад. Агар оп шахс аз хамон афроде аст, ки намозҳон панҷгонаро тибқи дастур ба ҷон мсоварда (бошад), дар он сурат фариштаи мавт ба ӯ наздик мешавад ва шайтонро аз ӯ дур мекунад ва калимаи шаходат - «Ло илоҳа **иллаллоҳу Муҳаммадур Расулуллоҳ»** - ро дар ин вақт бисёр ҳассос барояш талқин мекунад.[1]

## СУПОРИШИ ҲАЗРАТИ СУЛАЙМОН БА ФАРИШТАИ МАРГ БАРОИ ДУСТ

Сулайм ибни Атийя (раҳ.) ривояг мекунад: Ҳазрати Сулаймон (а) барои аёдати яке аз дӯстонаш, ки да]з ҳоли сакароти мавт буд, рафт ва ба фариштаи мавт гуфт: Бо ӯ ба хубй пеш биёед. Он шахс ба ҳазрати Сулаймон гуфт: Фариштаи мавт мегӯяд, ки ӯ ба ҳар шахси мӯъмин меҳрубон аст.

## ҶУДУ САХОВАТИ ФАРИШТАИ МАРГ БАР ҲАР ШАХСИ МУЪМИН

Ҳамид ибни Мабъуф (раҳ.) аз падараш ривоят мекунад, ки фармуд: Ман ҷузви қамон афроде будам, ки ба аёдати Ҳакам ибни Абдулмуталлиб ибни Абдуллох (раҳ.) рафтем. Эшон дар ҳоли сакароти мавт ва бар асари сахтии мавт дар холати беҳушй буд. Яке аз ҳозирин гуфт, ки эй Аллоҳ, бар Ҳакам (раҳ.) раҳм бифармо. Ва ӯ дар хамин ҳолат буду ҳамон шахс дар таьрифи Ҳакам ҷумалотеро ба кор бурд. Вакте он шахс ба ҳуш омад, гуфт: Ин шахсй таърифкунанда чй касе буд? Гуфтанд: Фалоп шахс.

[1] Табаронӣ.

Ҳазрати Ҳакам (раҳ.) ба ӯ гуфт: Фариштаи мавт мегӯяд, ман ба ҳар шахси мӯъмик меҳрубон ҳастам. Баъд аз он ҳазрати Ҳакам (раҳ.) ба раҳмати эзидӣ пайваст.[1]

## ҚАБЗИ РӮҲ КАРДАНИ ФАРИШТАИ МАРГ ДАР ИБТИДОИ АМР БА ТАВРИ ЗОҲИР

Абӯашъоа Ҷобир ибни Зайд (раҳ.) ривоят мекунад: Фариштаи мавт дар ибтидо бидуни ранҷу гаму беморӣ арвоҳро қабз мекард. Ба ҳамин хотир, мардум шурӯъ карданд ба маломат ва баду бероҳа намудани ӯ (яъне фариштаи мавт). Дар назди Аллоҳтаъоло шикоят намуд. Ба ҳамин хотир, Худованд бемориҳоро (ва дигар сабабҳоро) муқаррар намуд. Бо ин мардум кам-кам мавтро ба бемориҳо мансуб дониста, фариштаи мавтро фаромӯш карданд.[2]

Аъмаш (раҳ.) ривоят мекунад: Дар оғози умр фариштаи мавт дар пеши мардум зоҳир мегашту мегуфт: Ҳоҷататро комил кун, зеро мехоҳам рӯҳатро қабз бикунам. Ба ҳамин хотир, аз фариштаи мавт шикоят шуд. Сипас Худованд бемориҳоро мусаллат намуд ва қазияи чигунагии мавт пинҳон гардид.[3]

## ФАРИШТАИ МАРГРО СИЛӢ (ШАППОТӢ) ЗАДАНИ ҲАЗРАТИ МУСО (а)

Ҳазрати Абӯҳурайра (р) ривоят мекунад, ки Расулуллоҳ (с) фармуданд: ***«Қаблан фариштаи мавт***

[1] Ибни Бакор, Ибни Асокир.
[2] Марвазӣ, Ибни Абӯддунё.
[3] Абӯнаъим

***ба назди мардум меомад ва бо ҳамин вазъият як дафъа пеши ҳазрати Мӯсо (а) омад. Ҳазрати Мӯсо (а) ӯро ончунон силие зад, ки бар асараш чашмаш таркид. Фариштаи мавт дар пешгоҳи Аллоҳ шикоят намуду гуфт:*** *Агар аз бандагони муқаррабат намебуд, чашмашро мутаркондам.* Худованд гуфт: **Бираву ба бандаам бигӯ, ки дасташро ба рӯи гове бшузорад. Чи қадар муйе зери дасташ қарор мегирад, дар ивази ҳар як тори мӯ як соли умраш афзуда хоҳад шуд.** ***Вақте ин паём ба ҳазрати Мӯсо расид, гуфт.*** Баъд чӣ мешавад? Фармуд: *Дар ниҳоят, бояд аз ин дунё рахти сафарро бибандӯ.* Гуфт: Агар ин тавр аст, ҳамин ал-он рӯҳамро қабз бикун. ***Фариштаи мавт*** *себе ба* ***ҳазрати Мӯсо (а) доданд ва ӯ шурӯъ ба бӯидани он намуду дар ҳамин асно рӯҳаш қабз гардид.***

***Худованд чашми фариштаи мавтро дуруст кард ва баъд аз он омадани фариштаи мавт пеши мардум*** (барои қабзи арвоҳ) ***пиеҳонӯ сурат гирифт».'***

## ВОҚЕАИ МАРГИ ҲАЗРАТИ ИДРИС (а)

Ҳазрати ибни Аббос (р) мефармояд: Фариштае иҷозаи мулоқот ба ҳазрати Идрис (а)-ро гирифт. Пеши ҳазрати Идрис (а) омад. Ҳазрати Идрис (а) ба ӯ гуфт: Оё ба фариштаи мавт рафоқат дорӣ? Гуфт: Оре, ӯ бародари ман аст. Баъдан пурсид: Оё ӯ метавонад заррае ба ман манфиат расонад? Он фаришта гуфт: Ин ки ӯ битавонад умри туро ба тақдим ва ё ба таъхир бияндозад, ин корро ҳаргиз наметавонад бикунад, албатта, инро метавонам бигӯям, ки

' Имом Аҳмад, Баззоз, Ҳоким ва ҳадисро саҳеҳ гуфтааст.

хангоми қабзи рӯқат ба нармӣ ва лутф неш ояд.

Сипас он фаришта гуфт: Дар миёни ду бозуқоям савор бишав. Он фаришта ӯро ба осмонхо бурд ва дар ончо уро бо фариштаи мавт ошно гардонид ва дар холе ки қазрати Идрис(а) дар миёни ду бозуқояш буд, он фаришта ба фариштаи мавт гуфт: Ман ба Шумо ниёзе дорам. Гуфт: Ниёзатро медонам, қатман дар мавриди қазрати Идрис (а) мехоҳӣ гуфтугӯ бинамой, хол он ки вақти вафоташ фаро расида. На мавташ бапни ҳамон ду бозуи фаришта воқеъ гардид.[1]

## МАРГИ ҲАЗРАТИ ИБРОҲИМ (а)

Муқаммад ибни Мункадир (рақ.) ривоят мекунад, ки фариштаи мавт ба ҳазрати Иброҳим (а) арз намуд: Худованд ба ман дастур дода рӯқатро тавре ба кармӣ ва лутф қабз намоям, ки то ба ҳол барои каси дигар пеш наёмадаам. Баъд ҳазрати Иброҳим (а) ба ӯ гуфт: Туро ба Худо савганд медиҳам, ки дар мавриди ман бо Аллох гуфтугӯ бикун. Фариштаи мавт гуфтугӯ намуд ва Худованд ба ӯ гуфт: Ба ҳазрати Иброҳим (а) бигӯ, ки Парвардигорат мегӯяд, ки дӯст дар интизори мулоқот бо дӯст аст.

Фариштаи мавт вақте ин паёмро овард, ҳазрати Иброқим (а) гуфт: Эй фариштаи мавт. фавран дастури илохиро ба иҷро биёр. Фаришгаи мавт рӯхи хазрати Иброқим (а)- ро қабз намуд.[2]

' Ибни Абӯхотам
Табаронӣ.

## МАРГИ ҲАЗРАТИ ДОВУД (а)

Аз ҳазрати Абӯҳурайра (р) ривоят шуда, ки Расулулдоҳ (а) фармуданд: ***Дар вуҷуди ҳазрати Довуд (а) гайрати бисёр зиёд буд. Ҳар вақт аз манзил берун мешуд, дарвозаҳоро мебаст ва*** *то* ***вақтн баргаштанаиюн касе чуръати дохил шудан дар манзилро намекард. Аммо як рӯз вақте ба манзилаш баргашт, шахсеро дид дар манзил истода. Фармуд:*** Шумо чи касс ҳастед? Гуфт: *Ман ҳешон шахсе ҳастам, ки аз подшоҳон ҳам наметарсам ва ҳеҷ ҳиҷоб ва пардае наметавонад пеши маро бигирад.* ***Ҳазрати Довуд (а) фармуд:*** Пас шумо фариштаи мавт ҳастед, бинобар ҳукми илоҳӣ хуш омадед. ***Сипас ҳазрати Довуд (а) ба утоқаш рафт ва дар ҳамон ҷо рӯҳаш қабз гардид.***[1]

## КАМТАРИН САХТИИ ФАРИШТАИ МАРГ

Аз ҳазрати Анас (р) марфуьан ривоят шуда, ки сахтии бисёр ҷузъии фариштаи мавт аз қазор зарбан шамшер ҳам болотар (шадидтар) аст.[2]

## АЗ ҲАЗРАТИ ИБРОҲИМ МАШАҚҚА ГИ МАВТРО ПУРСИДАНИ ФАРИШТАИ МАРГ

Аз ҳазрати Ибни Абумулайка (раҳ.) ривоят шуда: Фариштаи мавт аз ҳазрати Иброҳим (а) баъд аз вафогаш пурсид: Мавтро чӣ гуна ефтӣ? У гуфт.

[1] Тафсири Хозин, «Канз-ул-аъмол».
- Таърихи Хатиб.

Ҳангоми қабзи рӯҳ эҳсос мекардам, ки гӯё аз Замин сихҳои хурмо берун карда мешавад. Ба ӯ гуфта шуд: Барои қабзи рӯҳи шумо бисёр суҳулату оромӣ буда, ки чунин ҳолатро эҳсос намудӣ.[1]

## ФАРИШТАИ МАРГ ЧӢ ГУНА РӮҲИ ОРИФОНРО ҚАБЗ МЕКУНАД?

Ҳазрати Салуфи (раҳ.) мефармояд: Аз Абӯсаъид ибни Ҳасани Алии воъиз шунидаам, ки мегуфт: Аз Муҳаммад ибни Абулҳасани воъиз шунидаам, ки гуфт дар бархе аз китобҳо дидаам, ки Худованд бар кафи дасти фариштаи мавт бо ҳуруфи нуронӣ **"Бисмиллоҳир раҳмоиир раҳим**"-ро намоён мекунад ва баъдан ба фариштаи мавт дастур медиҳад, ки ҳангоми вафоти орифи биллоҳ кафи нуронии дасташро бикушояд ва ин калимаи нурониро ба ӯ бинамоёнад. Вақте рӯҳи он орифи биллоҳ он ҳуруфро менигарад, ба сӯи он парвоз намуда, берун мегардад.[2]

## ФАРИШТАИ МАРГ ЧӢ ГУНА РӮҲИ БАНДАГОНИ НЕКРО ҚАБЗ МЕКУНАД?

Ҳазрати Муҳаммад ибни Каъб Ал-Қарзӣ мефармояд: Ҳар гоҳ рӯҳи мӯъмине хориҷ мегардад, фариштаи мавт ба наздаш меояду мегӯяд, эй дӯсти Аллоҳ, бар ту саломатӣ бод, Худованд туро салом мекунад ва бо хондани ин оят: **"Аллазийна татаваффатҳумул малоикату тайййибийна яқувлуна саломун алайкум"** рӯҳашон қабз мегардад.

[1] Аҳмад, «Китобуззуҳд».
[2] Машихаи бағдодия.

## ВАҚТИ МАВТ ТАВАССУТИ ФАРИШТАГОН ВА ЗАНҶИР БАСТА ШУДАНИ ИНСОН

Аз ҳазрати Анас (р) ривоят шуда, ки Расулуллоҳ (с) фармуданд: ***«Ҳатноми қабзи рӯҳи ҳар шахс фариштагон вайро мавриди муҳосира қарор медиҳанд. Зеро агар ин корро накунанд*** (ононе ки дар ҳоли сакароти мавт ҳастанд), ***бар асари шиддат ва сахтии сакароти мавт по ба фирор хоҳад гузошт».***

Аз ҳазрати Фузайл ибни Аёз (раҳ.) савол карда шуд: Иллат чист, ки ҳангоми қабзи рӯҳ инсон сокит мебошад, ҳол он ки агар ӯро мӯрчае бигазад, беқарор мегардад. Фармуд: Зеро он шахс дар муҳосираву дар (банди) занҷирҳои фариштагон мебошад. Ба ҳамин хотир, наметавонад аз худ аксуламали хосе нишон диҳад.[1]

## ФАРИШТАГОН ҲАНГОМИ ҚАБЗИ РӮҲ МУЪМИНРО МУЖДА МЕДИҲАНД

Дар ривояте аз Ҳасан (раз.) омада, ки рӯҳи мӯъмин дар райҳона берун карда мешавад ва аз ин оят истидлол гирифт **«Пас он маййит аз муқаррабон мебошад, пас барои ӯ роҳату ризқ ва Биҳишти ҷовидонӣ аст»** ***(Сураи «Вокиъаҳ»)*** **.**[2]

Ҳазрати Фитода (раҳ.) дар тафсир ва тавзеҳи рӯҳ ва райҳон мефармояд: Манзур аз рӯҳ раҳмат аст ва райҳон он чизеро мегӯянд, ки фариштаи мавт онро гирифта, бо майит мулоқот мекунад.[3]

Аз ҳазрати Бакр ибни Абдуллоҳ (р) ривоят

' Абӯшшайх.
[2] «Кашфурраҳмон».
[3] Ибни Абиҳотам, Ибни Ҷарир.

шудааст: Ҳар гоҳ бо фариштаи мавт дастур дода мешавад, ки рӯҳи мӯъминро қабз кунад, ба наздаш дастаи гул ва атриёт меоварад. Сипас дастур дода мешавад, ки дар инҳо рӯҳашро қабз кунад.

Аммо ҳар вақт ба ӯ дастур дода мешавад, ки рӯҳи кофареро бигирад, дар он вақт натвии сиёҳранге аз ҷаҳаннам меоварад ва ба ӯ гуфта мешавад, ки рӯҳашро дар он қабз бикун.[1]

Ҳазрати Муҷоҳид (раҳ.) мефармояд: Рӯҳи мӯъминро дар дастмоли абрешимии Биҳишт берун мекунанд.[2]

Аз хазрати Абулъолия (раҳ.) ривоят шуда: Ҳар вақт мавти як бандаи нек ва солеҳе фаро мерасад, фариштаҳо аз Биҳишт дастаи гул ва атриёт меоваранд ва баъд аз он рӯҳашро мегиранд.[3]

## ПЕЧОНДАНИРӮҲИ МӮЪМИН ДАР ПОРЧАИ АБРЕШИМИ

Ҳазрати Абӯҳурайра (р) ривоят мекунанд, ки Расулуллоҳ (с) фармуданд: ***«Рӯҳи мӯъминро дар порчаи абрешимии Биҳишт мегузоранд ва фариштаҳо онро ба тарафи Осмон мебаранд. Фариштаҳои Осмон аз мушоҳида намудани ин вазъият бисёр хушҳол шуда, аз шиддати хушҳолӯ овоз сар медиҳанд, ки чӯ хушбӯӣи кашанге аст. Дар ҳар осмоне ба ҳамин сурат изҳори хушҳолӯ мегардад. Вақте ин рӯҳ дар маёни дигар арвоҳи мӯъминон қарор мегирад, ҳамаи арвоҳ аз пайвастани ин рӯҳи пав ба андозае хушҳол мегарданд, ки ҳатто як шахс ҳар гоҳ азизи гумшудаашро бозёбад,***

[1] Ионн Абӯддунё.
- Ибни Абӯхотам.
[3] Хотам.

***ба ои андоза хушҳол намегардад.***

***Аммо ҳар гоҳ мавти кофаре наздик мегардад, онро дар як порчаи бисёр касифу бадбӯдоре печонда ва онро бар рӯи Замин мечархонанд ва Замин мегӯяд, ки чи бӯи баде медиҳад. Саранчом, онро дар миёни арвоҳи куффор мегузоранд».[1]***

## РАСОНДАНИ РӮҲИ МӮЪМИН БА ОСМОНҲО

Ҳазрати ибни Аббос (р) дар мавриди ояи **«Номаи аъмоли некон дар болотарин мақомот хоҳад буд»,** аз Каъби Ахбор (раҳ.) пурсид. Ӯ дар Посух фармуд: Ҳар тоҳ рӯҳи мӯъмин қабз мегардад, фариштаҳо онро гирифта ба осмонҳо мебаранд. Дарвозахои Осмон кушода хоҳанд шуд ва фариштаҳо бо хушхабарӣ ва табрик бо он бархӯрд мекунанд.

Вақте фариштаҳо онро ба зери Арш мебаранд, дар онҷо зери сояи Арш фариштаҳо парвандаеро меёбанд ва номи он шахсро менависанд ва онро мӯхр зада мегузоранд ва шиносоии растагорону аҳли Биҳишт аз ҳамин тариқ сурат мегирад.

Сипас ҳазрати ибни Аббос (р) дар мавриди ояи **«Номаи аъмоли бадон ва фоҷирон дар сиҷҷин хоҳад буд»** аз Каъб Ахбор (раҳ.) пурсид. Дар посух фармуданд: Ҳар гоҳ рӯҳи фоҷир қабз мегардад, фариштаҳо онро гирифта ба тарафи осмонҳо мебаранд. Осмонҳо онро мардуд қарор дода, онро боз мегардонанд. Сипас он рӯҳи бадро ба сӯйи Замин боз мегардонад, аммо Замин ҳам онро намепазирад. Саранҷо: онро зери ҳафтумин табақаи Замин, ҷое ки

[1] Аҳмад ибни Ҳасон, Насои.

мақоми иблис аст, мебаранд ва дар онҷо парвандаи мӯҳршуда вуҷуд дорад, ки инро ҳам ҷузви ҳамон вароқи мавҷуд дар он парванда хоҳанд намуд. Тафсири ин оя ҳамин аст.[1]

## САЛОМИ ХУДОВАНД БА МӮЪМИН ТАВАССУТИ ФАРИШТАИ МАРГ

Аз ҳазрати ибни Масъуд (раз.) ривоят шуда: Ҳар гоҳ Аллоҳ иродаи қабзи рӯҳи мӯъминеро мекунад, фариштаи мавтро дастур медиҳад, ки саломи маро ба ӯ бирасон. Чунончи ҳангоми қабзи рӯҳаш ба ӯ мегуяд,ки Аллоҳ туро салом мегӯяд.[1]

Ҳазрати Муҳаммад Каъби Қарзӣ (раҳ.) баён мекунад: Вақте рӯҳи мӯъмин барои хориҷ шудан дар даҳонаш қарор мегирад, фариштаи мавт мегӯяд: Эй дӯсти Аллоҳ, Худованд ба ту салом мефиристад. Баъдан барои таъйиди қавли худ ин ояро тиловат карданд: **«Ононеро, ки фариштагон рӯҳашонро дар ҳоле қабз мекунанд, ки аз ширк пок мебошанд, ҳангоми қабзи рӯҳ ба онон мегӯянд: Бар шумо саломатӣ бод».**

## ФАРИШТАИ МАРГ ЧИ ГУНА ШАХСИ МУЪМИНРО САЛОМ МЕКУНАД?

Аз ҳазрати Анас ибни Молик (р) ривоят шуда, ки Расулуллоҳ (с) фармуданд: ***«Ҳар гоҳ фариштаи марг ба назди шахси мӯъмине меояд, ба ӯ инчунин салом мекунад:*** **Ассалому алайк ё валиюллоҳ.** ***Сипас мегӯяд:***

[1] Ибни Муборак, Байҳақи, «Китабу-л-аҳвол», Ибни Мандаҳ.

***Бархез ва аз ин манзиле, ки онро хароб намудаи, ба суи он манзиле бирав, ки онро обод намудаӯ».***[1]

## САЛОМ КАРДАНИ ФАРИШТАИ МАРГ

Аз ҳазрати Бароъ ибни Озиб (раз.) тафсири ин оя **«Дар он рӯзе, ки мусулмоион бо Худованд мулоқот мекунанд, дуое, ки аз тариқи Худо ба онон ба унвони ҳадя дода мешавад, салом аст»** [2] ривоят шуда, ки ҳар гоҳ ваъдаи қабзи рӯҳи мӯъмине фаро мерасад, фариштаи мавт ба наздаш меояд ва ӯро ҳатман салом мекунад.[3]

## РӮҲИ МӮЪМИНРО ТАҲНИЯТ ГУФТАНИ ФАРИШТАГОН

Ҳазрати ибни Аббос (р) ҳадисе аз Расулуллоҳ (с) ривоят карда, ки ӯ (с) фармуд: ***«Баъд аз ин ки ҳамаи фариштагони Замину Осмон рӯҳи мӯъминро таҳният арз мекунанд, ба пешгоҳи илоҳӯ тақдим мегардад.*** Худованд мефармояд: **Марҳабо ба ин рӯҳ ва марҳабо ба ин ҷисме, ки ин рӯҳ аз он берун шуда!** ***Сипас ҷойгоҳаш дар Биҳишт ба ӯ нишон дода мешавад. Баъд аз он гуфта мешавад:*** **Дубора ӯро ба Замин баргардонед, зеро ҳукмаш бар ин аст, ки ӯро аз ҳамин Замин пайдо намудаам ва ӯро ба ҳамон Замин бармегардонам ва сипас аз ҳамон ҷо (боз) бармехезонам** (зинда мекунам).

Расулуллоҳ (с) савганд ёд карда фармуданд: ***Ҳар гоҳ ҳукми бозгашти рӯҳ ба ҷисм содир мегардад,***

[1] Фавоиду-р-рахмон.
[2] «Кашф-ур-раҳмон».
[3] Ибни Абӯхотим , ибни Абӯшшайба, Ҳоким.

***фариштаҳо оиро бардошта бармегардонад ва ин бозгардондан ба андозае погувор мебоишд, ки ҳангоми*** **(рӯҳро аз бадан)** ***хориц кардан ба ин андоза ногувор нест. Фариштаҳо мегӯянд: Мо тобеи ҳукми Аллоҳ ҳастем. Дастури илоҳӯ аст, ки туро*** **(яъне рӯҳро)** ***ба ин цисм дубора бармегардонем. То*** **(рӯҳ)** ***бозгардонда мешавад, дар ин муддат бозмондагон вайро*** **(ҷисмро)** ***гусл додаву кафан менамоянд. Баъд аз он фариштаҳо рӯҳашро ба он чисм бошегардонанд».'***

## МАВҶУД БУДАНИ ДУ ФАРИШТАИ МУҲОФИЗ ҲАНГОМИ ҚАБЗИ РУҲ

**Аз ҳазрати Ваҳиб ибни Вард (раҳ.) ривоят шуда: Ҳангоми вафоти мӯъмин ду фариштаи муҳофиз мавҷуд хоҳанд буд ва аъмолашро зери назар хоҳанд дошт. Агар он шахс аъмоли хуб анҷом дода (бошад), ин фариштаҳо мегӯянд:** *«Худованд туро аз тарафи мо ҷазои хайр иноят фармоянд, зеро ки беҳтарин дӯсте будӯ,* **(ки)** *дар маҷолиси хуб моро менишондӯ ва дар анҷоми аьмоли хуб маъияти ту насибамон гардид, суханони бисер шоистае моро шунавондӯ».*

**Аммо агар он шахс аъмолаш хароб бошад, ӯро ба бадӣ ёд мекунанд. Дар ин ҳангом нигоҳи он майит ба сӯяшон хира мегардад (то ин ки рӯҳаш берун карда бишавад).[2]**

[1] Ибни Мардавия , ибни Мандах.
[2] Ибни Абӯддунё.

## ҲУЗУРИ ДУ ФАРИШТА БА ҲАНГОМИ ҚАБЗИ РУҲИ МУЪМИН

Аз ҳазрат Сафён (р) ривоят шуда: Ҳангоми қабзи рӯҳи мӯъмин ду фаришта ҳузур хоҳанд дошт, ҳамон ду фариштае, ки дар тӯли зиндагӣ ҳамроҳаш будаанд.

Ҳар гоҳ мӯъмин вафот мекунад ва бозмондагонаш бар ӯ мегирянд, ҳар ду фаришта мегӯянд: Аз гиря намудаи боз оед, чун мо мехохем дӯстамонро таъриф бикунем, мо ба хубӣ аз аъмоли хубаш бохабар мебошем. Сипас мегӯянд: Худованд туро ҷазои хайр иноят фармояд, ивази хуб ба ту бидиҳад, зеро беҳтарин дӯст ва рафиқи мо будӣ, ба сӯи аъмоли хуб шитобон будӣ ва аз аъмоли бад хештанро дур нигоҳ медоштӣ, ту хамон шахсияте будӣ, ки дар ҳоли ғайб ҳам бар анҷоми корхои шоистаат эътимоди комил доштем, акнун бештар таъхир макун, зеро мехоҳем харчи сареътар таърифатро ба соири фариштагон бирасонем.

Аммо агар он майит муртакиби аъмоли бад гардида (бошад) ва бозмондагонаш бар ӯ мегирянд, фариштаҳо мегӯянд: Бигузоред, ки хақиқати воқеии зиндагиашро баён бикунем. Пас аз он шурӯъ мекунанд ба бад дуо додан ва ӯро нафрину маломат мекунанд, ки дар анҷоми аъмоли нек бе гаваҷҷӯҳу суст ва дар анҷоми бадиҳо бисёр чолок будӣ ва дар ғайбат аз ту бисёр ваҳшат доштем, ки ҳатман хештанро дар иртикоби аъмоли бад оғӯшта хоҳӣ намуд.

Баъд аз он ин фариштаҳо ба сӯи осмонҳо мераванд.[1]

[1] Ибни Абуддунё

## ДАР ҲОЛИ САКАРОТ ФАРИШТАҲОРО ДИДАНИ ШАХС

Аз ҳазрати Ҳасан (р) дар иртибот дар тафсири ояти **«Дар он рӯз инсонро аз ҳамаи аъмоли хуб ва бадаш огоҳ мекунанд»** ривоят шуда, ки фариштаҳои муҳофиз ҳангоми қабзи рӯҳ аз Осмон фуруд меоянд ва аъмоли хубу бадашро дар пешаш мегузоранд. Ҳар гоҳ аъмоли хубашро мебинад, хушҳол мешавад ва ҳар гоҳ аъмоли бадашро мебинад, аз рӯи надомат ангуштонашро мегазад[1].

## ДАР ҲОЛИ САКАРОТ АЪЗОИ БАДАНИ ШАХСРО ЛАМС КАРДАНИ ФАРИШТАГОН

Довуд ибни Абиҳинд (раҳ.) дар зиндагиномаи хеш менависад: Ман бисёр сахт бемор будам. Дар ҳамин даврон шахси биёр ваҳшатноку сиёҳрангеро дидам, ки пайдо шуд. Бо дидани вай **«иино лиллоҳи ва инно илайҳи роҷиъун**»-ро хондам ва дар дилам гуфтам ҳатман ин мехоҳад рӯҳамро қабз кунад, аммо ман кофир нестам, ки ин фариштаи сиёҳ мехоҳад рӯҳамро қабз кунад. Зеро ман шунида будам, ки рӯҳи кофарро фариштае сиёҳ қабз мекунад. Дар ҳамин ҳолати хайрониву тааҷҷуб будам, ки як сӯ садои шикаста шудани сақфи манзилро шунидам ва сақф ба таври куллӣ боз гардид ва аз Осмон ду фариштаи сафедпӯш фуруд омаданд ва бар он шахс (сиёҳ) хашм гирифтаву ӯро аз онҷо дур карданд. Он шахси сиёҳ аз онҷо дур гашт ва ба сӯи ман менигарист ва ҳар ду фариштаро

[1] "Кашф-у-р-раҳмон»

баду бероҳа мегуфт[1]. Сипас яке аз он ду фаришта болои сарам ва дигаре канори пойҳоям нишаст. Фариштае, ки канори сарам нишаста буд, ба он фариштае, ки канори пойҳоям нишаста буд, гуфт: Поҳояшро ламс ва маълумот хосил кун. Вай пойҳоро ламс кард ва маълум намуд, ки вай бо ин пойҳо ба намоз мерафтааст. Сипас он фариштае, ки канори пойҳо нишаста буд, ба фариштае дигаре гуфт, ки ту даҳонашро мавриди бозрасӣ қарор бидеҳ. Вай ҳам баъд аз таҳкикот гуфт, ки ин даҳон аз зикр ва ёди илоҳӣ тару тоза мебошад.

Ҳазрати Абӯкалоба (раҳ.) ин воқеаро баён мекунад, ки бародарзодаам ба номи Моҷии як дафъа бисёр бемор гашт (Абуқалоба ба хотири бадкирдории бародарзодааш ба аёдаташ нарафт), аммо вақте дар ҳолати назъ қарор гирифт, бинобар шавқату улфат гуфт, ки вай фарзанди бародари гиромиам аст ва акнун муомилаи вай бо Аллоҳ мебошад ва дар ҳоли ҳозир аёдаташ бисёр зарурӣ аст. Дар он шаб то субҳ канораш нишаст. Абӯқаллоба (раҳ.) воқеаи ҳамин шабро инчунин баён мекунад: Ду шахси бисёр сиёҳ зоҳир гардиданд ва ба дунболи он ду фаришта аз сақфи манзил фуруд омаданд ва ман овози ононро шунидам, ки яке аз онҳо ба дигаре мегуфт: Бирав аз наздик татқикот кун, ки ҳамроҳаш амали некӣ ҳаст ва ё на? Яке аз он ду фаришта дар канори бародарзодаам нишаст ва сару шикаму пойҳояшро бӯйид. Сипас ба ҳамроҳаш гуфт: Сарашро бӯйидам, дар ои Қуръонро наёфтам, шикамашро бӯйидам, ному нишоне аз рӯза набуд, пойҳояшро бӯйидам, асари ибодати як шабро надида. Сипас фариштаи

[1] Ибни Абӯддунё.

баъдӣ омад, сару шикам ва кафи дастону пойҳояшро бӯйид. Баъд шунидам, кн мегуфт: Ҷои тааҷуб аст, охир чӣ гуна номаш ҷузъи уммати Мухаммад (с) мебошад, ход он ки ҳеҷ хислате аз хислатҳои ин уммат дар вуҷудаш нест. Дар ҳамин ҳолати ҳайронӣ ҳамин фаришта даҳони бародарзодаамро кушод ва нӯки забонашро макид. Дар ҳамин мавқеъ шунидам, ки фаришта Аллоҳу **акбар** гуфт ва ҳамчунин изҳор дошт, ки вақте нӯки забонашро макидам, асари як такбирро ёфтам ва ин такбирро дар шаҳри Антокияи румиҳо бо ихлоси комил гуфта будааст. Баъдан аз забонаш мушку анбар пахш гардид ва дар ҳамин мавқеъ рӯҳи бародарзодаам қабз гардид. Баъд аз ин ки фаришта рӯҳашро қабз карду рафт, ба ҳамин ду фариштаи сиёх гуфт: Шумо баргардед, зеро шумо ҳеч гуна тасаллуте бар ин майит надоред.

Субҳи рӯзи баъд, вақте Абӯқалоба (раҳ.) воқеаи бародарзодаашро барои мардум баён мекард, мардум бисёр таҳти таъсир қарор гирифтанд ва ҳама дар намози ҷаноза ширкат намуда, барояш дуои мағфират хонданд.

## ФАРИШТАИ МАВТРО ДИДАНИ НОБИНО

Аз ҳазрати Ҳаким ибни Абон (раҳ.) ривоят шуда, ки аз ҳазрати Икрима (р) пурсида шуд: Оё шахси нобино метавонад фариштаи мавтро бубинад? Фармуд: Оре, ҳангоми қабзи рӯҳаш фариштаи мавтро метавонад бубинад.

## ҲАМЛ КАРДАНИ РӮҲ ТАВАССУТИ ФАРИШТА

Аз ҳазрати Муҷоҳид (раҳ.) ривоят шуда: Ҳар гоҳ шахсе вафот мекунад, фариштае рӯхашро бармедорад ва ба ҳамроҳи ҷисм рӯҳро дар қабр мегузорад ва дар он вақт Мункар ва Накир аз ӯ савол хоҳанд намуд.[1]

## ҲАНГОМИ ҒУСЛИ МАЙИТ ДАР ДАСТИ ФАРИШТАИ МАВТ БУДАНИ РУҲ

Ҳазрати **Бакр ибни Абддуллоҳ Мазинӣ** (раҳ.) ривоят мекунад: Баъд аз мурдани шахс рӯҳаш дар ҳоли сакарот, дар дасти фариштаи мавт хоҳад буд. Ворисонаш вайро ғусл дода, кафанаш мекунанд ва ӯ ҳама чизро мебинад, мебинад, ки мардум бо ӯ чи коре мекунанд. Агар он мурда бар гуфтугӯ кардан қодир мебуд, ворисонашро аз навҳасарой бозмедошт.[2]

## РӮҲ ТО ОҒОЗИ САВОЛ ДАР ДАСТИ ФАРИШТА ХОҲАД БУД

Ҳазрати Хузайфа (р) ривоят мекунад: Рӯҳи шахси мурда дар дасти фаришта мебошад ва рӯхро бо ҳамроҳи ҷаноза то қабр мебарад. Ҳангоме ки ҷасадро дар қабр мегузоранду ӯро бо хок мепӯшонанд, дар он вақт рӯҳро барои посух додан дар ҷисм мегузоранд.

[1] Ибни Абуддунё.
[2] Ибни Абӯддунё.

## МУНОЗИРАИ ФАРИШТАИ МАВТ БО ФАРИШТАИ ҲАЁТ

Имом Ғаззолӣ (раҳ.) инчунин менависад: Як дафъа байни фариштаи мавт ва фариштаи ҳаёт мунозирае воқеъ шуд. Фариштаи мавт гуфт: Ман рӯҳи арвоҳи зиндаро мегирам. Фариштаи ҳаёт гуфт: Ман мурдаҳоро зинда мекунам. Худованд ба сӯи ҳар ду ваҳй фиристод, ки шумо вазифаи худро анҷом бидиҳед, зиндагӣ ва мавт дар ихтиёри шумо нест. Зеро зиндагӣ додан ва овардани мавт дар ихтиёри ман мебошад ва ба ғайр аз худам касе дар ҳеҷ гуна амре накше нахоҳад дошт.[1]

## МУЛОҚОТ КАРДАНИ ФАРИШТАГОН БО АҲЛИ ҚУРЪОН БАЪД АЗ ВАФОТАШОН

Ҳазрати Маъоз ибни Ҷабал (р) ривоят мекунад, ки Расулуллоҳ (с) фармуданд: ***«Дар ҳар манзиле, ки кироъати Қуръони маҷид сурат мегирад, бар сари он манзил хаӯмаи нуронӯ сояафкан хоҳад гардид ва фариштагон аз ҳамин хаймаи нуронӯ он манзилро мешиносанд, мисли ин ки инсоне дар васати дарёҳою саҳроҳо бошад, тавассути ситораҳо роҳро меёбад.***

***Ҳамин ки Қуръонхон вафот мекунад, он хаймаи нуронӯ аз фарози он манзил бардошта мешавад. Вакте ки фариштагони Осмон он хаймаро мушоҳида намекунанд, мефаҳманд ки он Қуръонхон вафот намудааст. Ба хотири мулоқот бо вай аз як Осмон ба тарафи Осмони дигар меравaнд ва ба рӯҳаш раҳмату дуруд мефиристанду то рӯзи қиёмат барояш дуои магфират мекунанд.***

[1] Ибни Абуддунё.

***Ҳар он кас, ки дар намози таҳаҷҷуд Қуръонро тиловат намуд, он шаб шаби баъдиро васият мекунад,ки ӯро*** (Қуръонхонро) ***дар он вақте ки Қуръонро тиловат мекунад, бедор намояд. Ҳар вакт ин банда вафот мекунад ва мардум машгули гуслу такфинаш мешаванд, дар он мавқеъ Қуръон бо беҳтарину зеботарин шаклу сурат зоҳир мегардаду дар канораш меистад. Ҳар вақт ӯро дар кафан мепечонанд, Қуръон дар синааш пайваст мегардад. Баъд аз тадфин ба Мункару Накир иҷозаи савол намуданро медиҳанд. Баъд аз ин ки маӯит ба суолоти онон посуххҳои дурустро медиҳад, Қуръон аз ҷониби Аллоҳ фаршу либосҳои қиммате меоварад ва ҳазор фаришта ин асосияро аз осмони шашум овардаву ба қабр паҳи мекунанд. Қуръон то қиёмат дар қабр ба ҳамроҳаш мемонаду аз ӯ муҳофизат мекунад, ахбори рӯзонаи аҳли манзилашро барояш меоварад. Ҳамчун падар изҳори шафқат мекунад. Ҳар гоҳ фарзанде аз маӯит Қуръонро фаро мегирад, Қуръон ӯ*** (майит) ***-ро хушхабар медиҳад ва агар фарзандс аз вай хароб бошад, барои ислоҳаш дуо мекунад» .***[1]

## ФАРИШТАГОН БА ҲАМРОҲИ ҚУРЪОНХОНОН

**Аз** Ҳазрати Ибода ибни Сомит (р) ривоят шуда, **ки** Расулуллоҳ (с) фармуданд: ***«Ҳар гоҳ барои намози шаб бармехезед, Қуръонро бо овози баланд бихонед, шаётину ҷинҳо бо шунидани ин овоз по ба фирор мегузоранд, фариштиҳо дар фазо он овозро***

[1] «Муснад»-и Баззор

***мешунаванд, аҳли манзил ҳам он овозро шунида, намоз хоҳанд хонд ва ин шаб шабҳои баъдиро васият намуда, ба онҳо мегӯяд: Эй охирин поси шаб, барояш осон бишав! Ҳар гоҳ вақти мавташ фаро мерасад, Қуръон болои сараш меистаду гуслашро зери назар мегирад. Ҳар вақт кафан пӯшонда мешавад, Қуръон дар миёни сина ва кафан қарор мегирад. Баъд аз ин ки Мункар ва Накир меоянд,*** (Қуръон) ***фавран байни онҳо ва он майит ҳоил мегардад. Мункар ва Накир ба Қуръон мегӯянд: Аз миёни мо бирав, то аз ӯ савол бикунем. Қуръон мегӯяд: Ба худо қасам, то он вақт дур нахоҳам шуд, магар ин ки ӯро вориди Биҳишт гардонам. Албатта, агар шумо нисбат ба вай маъмурияте доред, маъмурияти хешро анҷом диҳед.***

***Пас аз он Мункар ва Накир аз вай пурсиш мекунанд. Баъд Қуръон ба тарафи он шахс нигоҳ карда, аз ӯ мепурсад: Оё маро мешиносӣ? Мегӯяд: На. Қуръон худро муаррифӣ мекунаду мегӯяд: Ман ҳамон Қуръоне ҳастам, ки шабҳо туро бедор ва рӯзҳо туро ташнаву гурусна менамудам, чашму гӯшатро аз гуноҳон боздошта будам ва акнун ман беҳтарин ва ростгӯтарин дӯсту бародари ту мебошам. Акнун хушҳолу шодмон бош, ки баъд аз пурсишҳои Мункару Накир ҳеҷ гуна гаму андӯҳе нахоҳӯ дошт.***

***Мункару Накир баъд аз анҷоми маъмурияташон меравaнд ва Қуръон ҳам ба назди Парвардигор бармегардад ва барои он шахс тақозои фарш мекунад. Дастури атои фарш ва чароги нур содир мегардад. Баъдан ин асосияҳоро ҳафтод ҳазор фаришта ҳамл намуда, ба онҷо меоваранд. Пеш аз ҳама Қуръон ба назди он шахс омада, аз ӯ менурсад: Оё баъд аз рафтани ман эҳсоси ваҳшату нороҳатӣ накардӣ? Фақат муддати кӯтоҳе аз ту ҷудо шудаму пеши***

***Аллоҳтаъоло рафтам ва тартиби эҳтиёҷоти туро дар инҷо додам.***

***Чун фаришитагон он ашёро ба он ҷо меоваранду онҳоро дар қабр паҳн мекунанд ва он шахсро ба паҳлӯи рост мехобонанду ба тарафи Осмон мераванд. Он шахс он саҳнаро тамошо мекунад. Сипас замини тарафи Қибларо фишор медиҳад ва қабр то андозаи дидаш васеъ мегардад».***[1]

## ҒАФЛАТИ ИНСОН ВА МАСЪУЛИЯТҲОИ ФАРИШТАГОН

Аз ҳазрати Ҷобир (р) ривоят шуда, ки Расулуллоҳ (с) фармуданд: ***«Фарзанди одам барои он мақсаде, ки халқ гардида, нисбат ба он гафлат меварзад. Ҳар гоҳ Худованд иродаи хилқати шахсеро намояд, ба фариштае дастур медиҳад, то миқдори ризқаш, осори қадамҳои пояш, умраш, хушбахт ва ё бадбахт шуданашро бинависад. Ҳар вақт он шахс ба дунё меояд, Худованд ба фариштаи дигар маъмурияти нигаҳбонии ӯро хоҳад дод, то ин ки он шахс ба синни булуг бирасад. Дар ин мавқеъ ин фаришта меравад. Худованд ду фариштаи дигарро муқаррар мефармояд, то аъмоли бад ва ё неки вайро бинависанд. Ҳар гоҳ аҷалаш фаро мерасад, ин фариштаҳо ба Осмон меравант ва фариштаи мавт рӯҳашро қабз мекунад. Ҳар гоҳ он шахсро дар қабр мегузоранд, рӯҳашро дубора бармегардонанд ва ҳар вақт қиёмат барпо мешавад, фариштаҳои аъмоли нек ва бад ҳозир мешаванд ва ӯро, дар ҳоле ки номаи аъмолаш дар гарданаш мебошад, мекашонанд ва ин ҳар ду фаришти***

[1] «Муснад»-и Баззор

***ба ҳамроҳаш мебошанд. Яке он шахсро мекашонад ва дигаре ба унвони гувоҳ ҳозир мешавад.***

Расулуллоҳ (с) фармуданд: ***Он вақт лаҳзаи бисёр сахте хоҳад буд ва шумо тоқати таҳаммули онро нахоҳед дошт, ба ҳамин хотир аз Аллоҳ талаби кӯмак бикунед».***

## МАНЗАРАИ ШИГИФТАНГЕЗ БАЪД АЗ ҚАБЗИ РУҲИ МУЪМИН

Имом Ғаззолӣ (раҳ.) дар китобаш «Кашфу-л-улуми **охират»** чунин менависад: Ҳар гоҳ фариштаи мавт рӯҳи як инсони хушбахтеро қабз мекунад, ду фариштаи зебо, ончунон фариштаҳое, ки либосҳои зебое пӯшидаанд ва аз онҳо хушбӯйй сарозер мебошад, он рӯҳро бардошта, дар порчаи абрешимии биҳиштӣ мепечонанд. Он рӯҳ... на ақлашро аз даст дода ва на аз аъмоли анҷомшудааш дар дунё воқеъ мешавад.

Сипас он рӯҳро гирифта, ба ҳаво мераванд. Дар ҳамин зимн гузарашон ба қуруни гузашта мешавад ва онҳо ҳамчун парвонаҳо пароканда мебошанд, то ин ки ба осмони аввал мерасанд. Фаришта дари осмонро мезанад. Нигаҳбонон мепурсанд: Чӣ касе ҳастӣ? Фаришта номашро гирифга, мегӯяд ман Салсоил ҳастам ва ин фалон рӯҳи покиза аст, ки ба ҳамроҳам мебошад. Ӯро ба исмҳои маҳбубе садо мезаиад, тавре ки фариштаи дарбон мегӯяд: Фалонӣ шахси хубе мебошад, зеро дар ақидааш ҳеҷ гуна шакке вуҷуд надорад ва ақидааш бисёр мустахкам мебошад. Дар осмони дуюм низ ҳамин саҳна пеш меояд. Баъд аз ироаи хайра мақдам дарбонон мегӯянд: Фалон шахс барои иҷро намудани хамаи фароизи намозҳояш

бисёр саъй менамуд. Дар осмони севум низ ҳамин гуфтугӯҳо ва муколимот сурат мегирад ва ин тавр гуфта мешавад, ки фалон шахс дар молаш Аллоҳтаъолоро бисёр мӯроот мекард ва ҳеҷ чизе ӯро бознамедошт. Дар осмони чаҳорум баъд аз истиқбол намуданаш гуфта мешавад, ки фалонӣ ҳангоми рӯза гирифтан ба наҳви аҳсан рӯза мегирифт ва аз он ба хубӣ мухофизат мекард. Дар осмони панҷум аз хаҷҷаш таъриф мегардад, ки фаризаи ҳаҷро бидуни худнамой анҷом додааст. Дар осмони шашум баъд аз гуфтугӯи ҳаммонанди муколама дар осмонҳои гузашта, гуфта мешавад, ки фалонӣ нисбат ба волидайнаш бисёр мутеъу фармонбардор буд ва бар асари он дарвоза кушода мегардад. Ҳангоме ки ба дарвозаи осмони ҳафтум мерасанд, фariштаи ҳамроҳ дар мезанад ва пурсишу посуххое мисли гузашта пеш меояд. Баъд аз истиқболу тарҳиб гуфта мешавад: Ин шахс ҳангоми саҳар бисёр истиғфоркунандаву дар танҳоиҳо бисёр садақадиҳанда буд ва кафолати ятимонро ба ӯхда мегирифт. Баъдан дарвозаи ин Осмоп ҳам боз хоҳад гардид ва ҳамин тавр ба пеш меравад, то ин ки ба маҳали пардаҳои нуронии қудрати кибриёии Аллоҳ хоҳад расид. Дар онҷо ҳам дарвозаро мезананд ва пурсишу посуххои қаблӣ матраҳ мегардад. Фariштаҳо аз ин бандаи солеҳу нафси покиза истиқбол менамоянд ва мегӯянд: Ӯ бисёр истигфоркунанда ва амр ба маъруфу наҳӣ аз мункар аз вазоифаш буду аз масокин ба наҳви аҳсан пазирой мекард. Баъдан гузараш аз канори гурӯххои фariштагон мешавад ва ҳамагӣ ӯро мужда медиҳанду бо ӯ мусофаҳа мекунанд, то ин ки ба **Сидратулмунтаҳо** мерасанд. Дар ин ҷо дар зада мешавад ва баъд аз пурсишу посух фariштаҳо аз ӯ

истиқбол намуда мегӯянд: Амалаш фақат ба хотири ризои Аллоҳ буда. Пас аз он дарвозаи **Сидратулмунтаҳо** кушода хоҳад шуд ва аз канори дарёҳои оташ, нур, торикӣ, об, барф ва сардӣ мегузаранд ва тӯли ҳар дарё ба андози масофати ҳазор сол хоҳад буд. Баъдан пардаҳои рушной гузошта мешаванд, ки бар Арши илоҳӣ овезон мебошанд. Онҳо ҳафтод ҳазор парда ҳастанд, ки барои онҳо қалъаҳо мебошанд. Бар ҳар пардае ҳафтод ҳазор қалъа мебошад ва бар ҳар қалъае ҳафтод ҳазор моҳ аст, ки пайваста машгули таҳлилу ташбеҳу тадриси зоти илоҳӣ мебошанд. Агар яке аз он моҳҳо дар дунё зоҳир гардад, махлуқот онро парастиш хоҳанд намуд. Баъд аз он аз пушти ҳамин пардаҳо овози Раббулъоламин ба самъ мерасад: Ин рӯҳ чӣ касе аст ки онро овардаед? Фариштаҳо мегӯянд: Рӯҳи фалон ибни фалон аст. Худованд мсфармоянд: Ӯро наздики ман биоваред, ӯ бандаи муқарраби ман аст. Вақте фариштаҳо ӯро пеши Аллоҳ қарор медиҳанд, дар ҳамин зимн, он шахс **ба** як сирре аз навоқис ва иштибоҳоти худаш пай мебарад ва ба ин фикр меафтад, ки ҳозир ҳалок хоҳам шуд, аммо Худованд ӯро мавриди лутф ва бахшиш қарор медиҳад.[1]

## ҲАДИСИ БАРОЪ ИБНИ ЪОЗИБ (раҳ.)

Ҳазрати Бароъ ибни Ъозиб (раҳ) мефармояд: Ба ҳамроҳи Расулуллоҳ (с) дар ҷанозаи як ансорӣ ширкат намудем. Вақте ба қабристон расидем, ханӯз қабр омода нашуда буд. Расулуллоҳ (с) нишастанд ва

[1] «Аттазкирах».

мо ҳам сукути комилро риоя карда будем. Дар дасти мубораки Расулуллоҳ (с) шохае дарахте буд ва онро бар рӯи Замин мекашид. Билохира, сарашонро баланд намуда фармуданд: ***«Аз азоби қабр паноҳ бичӯед. Ҳар гоҳ шахси мӯъмине рахши сафар аз ин дунёро мебандад ва озими охират мегардад, фарищтаҳои нуронӯ аз Осмон меоянд. Гӯё Хуршед ҳамроҳашон мебошад. Ба ҳамроҳашон кафани биҳиштӯ ва хушбӯиҳои чаннатӯ хоҳад буд. Ин фариштагон пеши рӯяш менишинанд. Пас аз он фариштаи марг ташриф меоварад ва дар канори сараш менишинад. У мегӯяд: Эӯ рӯҳ, мутмаин ба сӯи магфират ва ризои илоҳӯ хориц бишав. Сипас рӯҳ, ҳамон тавре ки як қатраи об чи гуна аз мушк хориц мегардад, берун меояд. Фариштаи мавт рӯҳро гирифта дар кафани хушбӯе мепечонад. Аз рӯҳ беҳтарин хушбӯиҳо ба машом хоҳад расид.***

Расулуллоҳ (с) фармуданд: ***Фариштаҳо рӯҳро ба тарафи осмонҳо мебаранд ва аз канори соири фариштаҳо мегузаранд ва онҳо мегӯянд: Чӯ рӯҳи покизае аст. Фариштаҳо номашро мегӯянд ва ҳамон беҳтарин номе, ки дар дунё аз он ёд мешуд, ӯро ба ҳамон ном ёд мекунанд, то ин ки ӯро ба осмони дунё мерасонанд. Сипас талаби кушоиши дарвозаи осмонро мекунанд ва ба дунбол аз он дарвозаи осмон кушода мешавад. Билохира, яке баъд аз дигаре ба осмонҳо бурда мешавад ва аз ҳар осмоне, ки мегузаранд, фариштаҳои он Осмон он рӯҳро ба осмони баъдӯ ҳидоят мекунанд, то ин ки ӯро ба осмони ҳафтум мерасонанд. Худованд мефармоянд: Номаи аъмоли***

***бандаамро дар Ъиллийин[1] дарҷ наяоед ва ӯро ба сӯи Замин баргардонед, аз Замин ӯро найдо намудам ва бозгашташ ба Замин аст ва барои охирин мартаба ӯро аз Замин берун хоҳам намуд. Он рӯҳ дубора ба он цасад бозгардонда мешавад. Пас аз он ду фаришта меоянд ва аз ӯ мепурсанд: Парвардигорат кист? Посух мсдиҳад: Аллоҳ. Мепурсанд: Динат чист? Ҷавоб мсдиҳад: Динам ислом аст. Боз мепурсанд: Он шахсе, ки барои ҳидояти шумо фиристода шуд, чи касе ҳаст? Мегӯяд: ки Расулуллоҳ (с) ҳастанд. Мепурсанд: Чӯ гуна донистӯ, ки ӯ Расулуллоҳ (с) аст? Посух медиҳад: Ман Қуръонро хондаму ба он эмон овардам ва ӯро рост пиндоштам.***

***Сипас аз Осмон мунодӯ нидо медиҳад: Бале, бандаам рост мегӯяд ва дар қабр барояш аз рахти хобҳои Биҳишт густурда намоед ва ӯро аз либосҳои биҳиштӯ бипӯшонед ва аз сӯи Биҳишт дарвозае барояш бикушоед.***

Расулуллоҳ (с) фармуданд: ***Ба ӯ роҳатҳои Биҳишт ва хушбӯҳояш хоҳад расиду то ҳамон ҷо қабраш васеъ хоҳад гардид ва баъд аз он шахси хубсурату муштаре наздаш меояд ва мегӯяд: Туро мужда бод ба он чизе, ки туро хушҳолкунанда аст. Ин ҳамон рӯзе аст, ки ба ту ваъда дода шуда буд. Шахси мӯъмин аз ӯ мепурсад: Ту чӯ касе ҳастӯ, аз чеҳраат хаӯру хубӯ меояд? Он шахс посух медиҳад: Ман аъмоли неки ту ҳастам. Он шахс мегӯяд: Эй Аллоҳ, киёматро ҳар чи сареҳтар барпо бинамо, то ман ба тарафи молу аҳлу аёли худ баргардам.***

Пас аз он Расулутшоҳ (с) саҳнан мавти кофарро зикр намуданд: ***Ҳар гоҳ мавти кофар наздик мегардад,***

[1] Иллийин ҷое дар осмони ҳафтум аст, ки номаи аъмоли нек баъди дарҷ дар он ҷо ниҳода мешавад.

***фариштигони сиёҳфоме ҳозир мешаванд ва дар пешашои чодари захиме хоҳад буд. Сипас фариштаи мавт мегӯнд: Эй рӯҳи хабис, ҳар чи зудтар ба сӯи хашму азоби Аллоҳ хориҷ бишав! Рӯҳ бо шунидани ин дастур дар бадан пахш мегардад. Сипас онро аз бадан тавре берун мекунанд, ки гӯё сихи гарми оҳанинро дар нашми тарииҳода ва онро бикашанд. Баъдан фариштагон онро дар порчаҳое печонда ба ҳамроҳи худашон мебаранд ва аз он ончунон бӯйи баде хориҷ мегардад, ки гӯё аз ҷасади мутааффине берун мегардад.***

***Вақте ин фариштаҳо аз канори ҷамоати дигари фариштаҳо мегузаранд, изҳори нафрату хабосати он рӯҳро менамоянд ва онро ба ҳамон номе, ки дар дунё бадтар буд, муаррифӯ намуда, нас аз он талаби кушодани дарвозаи осмонро мекунанд. Аммо дарвоза кушод намешавад.***

Дар хамин мавқеъ Расулуллоҳ (с) ин ояро тиловат фармуданд:

إِنَّ ٱلَّذِينَ كَذَّبُوا۟ بِـَٔايَٰتِنَا وَٱسْتَكْبَرُوا۟ عَنْهَا لَا تُفَتَّحُ لَهُمْ أَبْوَٰبُ ٱلسَّمَآءِ
وَلَا يَدْخُلُونَ ٱلْجَنَّةَ حَتَّىٰ يَلِجَ ٱلْجَمَلُ فِى سَمِّ ٱلْخِيَاطِ ۚ وَكَذَٰلِكَ نَجْزِى
ٱلْمُجْرِمِينَ ﴿٤٠﴾

**«Барои онон дарвозаҳои Осмон кушода нахоҳанд шуд ва онон вориди Биҳишт нахоҳанд гардид, магар ин ки шутур дохили сӯрохи сӯзани хайётӣ** (дӯзандагӣ) **бишавад»** *(Сураи «Аъроф», ояти 40).*

Баъдаз он Аллоҳтаъоло мефармоянд: **Номаи аъмолашро дар Сиҷҷийн** (ки зери табақоти Замин мебошад) **дарҷ намосд.** Сипас рӯҳашро (сарозер)

меандозанд.

Дар ҳамин мавқеъ Расулуллоҳ (с) фармуданд:

**«Ва ҳар он шахсе, ки нисбат ба Аллоҳ ширк парзид, ҳолаш бадин гуна хоҳад буд, гӯё ки аз Осмон суқут кард ва лошахӯрҳо оиро рабуданд ва ё ин ки ҳаво онро ба маконн дуре бурду андохт»** *(Сураи «Ҳаҷ», ояи 31).*

***Сипас рӯҳаш ба ҷисм бозгардонда мешавад ва фариштаҳо ӯро шинонида, ҳамон саволҳое, ки аз шахси мӯъмин шуд, аз ӯ ҳам савол карда хоҳад шуд. Аммо дар посухи ҳар саволе мегӯяд, ки ман намедонам. Баъдан аз Осмои мунодӯ нидо медиҳад, ки ӯ дурӯг гуфт, зераш рахти хоби оташин паҳи ва либоси оташин бар танаш бикунед ва дарвозаҳое барояш аз ҷаҳаннам бикушоед. Дарвозаҳое аз ҷаҳаннам кушода мешавад ва ҳарораташ ба ӯ хоҳад расид ва қабраш ба андозае танг хоҳад гардид, ки паҳлӯҳояш дар ҳамдигар фурӯ хоҳанд рафт. Як шахси жандапӯчи ва бадбӯе ба наздаш меояду мегӯяд, ки ин лаҳазоти зиллату ногуворӯ туро «муборак» бод! Ин ҳамон вақте аст, ки ба ту ваъда дода шуда буд. Майит аз ин шахс мепурсад: Ту чӯ касе ҳастӯ, даҳанат бисёр бузург аст? Посух медиҳад: Ман аъмоли хароби ту ҳастам. Дар он вақт шахси ҷаҳаннамӯ мегӯяд: Эй Аллоҳ, ҷаҳаннамро барно макун».[1]***

Ҳазрати Анас (р) аз Таймими Дорамӣ (р) ривоят мекунад, ки Расулуллоҳ (а.) фармуданд: ***«Худованд ба***

[1] Ривояти Аҳмад, Ҳоким ва Абудовуд.

***фариштаи мавт дастур медиҳад, ки да назди дӯстам бираву уро ба назди ман биёвар, ӯро дар сахтиҳо ва мушкилоти бисёр озмудаам, аммо ӯро собитқадам ёфтам ва мутобиқи ризоям амал мекард, бар муқтазои эмон амал менамуд, пас ӯро пеши ман биёвар, то ӯро аз масоибу мушкилоти дунё раҳо созам. Фариштаи мавт бо иттифоқи понсад фаришта озими маъмурият мешаванд ва ҳамроҳашон кафану атру гулу гулдастаҳо ва дастмоли сафеди абреишмӯ, ки омехта бо мушку анбар асту аз Биҳишт хоҳад буд аз ҳузури он мӯъмини шарафёб мешаванд ва ӯро иҳота менамоянду ҳар фариштае бар узве аз баданаш даст мезанад ва ҳамон дастмоли абрешимӯ зери ҷонааш ниҳода мешавад ва дарвозае аз Биҳишт барояш кушода мегардад.***

Расулуллоҳ (с) фармуданд: ***Дар ин мавқеъ рӯҳашро бо чизҳои нодири Биҳишт аз қабили ҳур, либос ва дигар ашёи биҳиштӯ машгул мекунанд. Ба он мемонад, ки волидаӯн барои сокит кардани бачаҳояиюн, ки мегирянд, асбоби бозиро медиҳанд. Ҳурони биҳиштии он мӯъмин дар он ҳангом изҳори шодмонӯ*** (мекунанд) ***ва рӯҳаш менарад. Фариштаи мавт мегӯяд: Эй рӯҳи пок, хориҷ бишав!***

**Онон дар он богҳое мебошанд, ки дар он ҷо дарахтони садр ва дарахтони мева анбӯҳ хоҳанд буд ва дар он богҳо сояҳои васеъ ва оби ҷорӣ хоҳад буд .**

Расулуллоҳ (с) фармуданд: ***«Шафқат ва меҳрубонии фариштаи мавт бо мӯъмин аз шафщат ва меҳрубонии модар нисбат ба фарзандаш ҳам бештар хоҳад буд. Зеро ба хубӯ медонад, ки ин рӯҳ маҳбуби Аллоҳ мебошад ва дар пеши Аллоҳ соҳиби иззату азамат аст. Ба ҳамин хотир, бо вай ба наҳви аҳсан пеш меояд, то ҳарчи бештар хушнудии Аллоҳро ҳосил***

***бикунад ва рӯҳи ин мӯъмин тавре** аз **бадан хориҷ мегардад, ки гӯё тори мӯе аст, ки аз хамир берун карда мешавад. Вақте рӯҳаш берун карда мешавад, фариштаҳо аз чаҳор тараф мегӯянд: Бар ту саломатӣ бод, бар баракати аъмоли шоистаат вориди Биҳишт бишав.***

Ҳамон тавр ки иршоди раббонӣ аст:

ٱلَّذِينَ تَتَوَفَّىٰهُمُ ٱلْمَلَٰٓئِكَةُ طَيِّبِينَ يَقُولُونَ سَلَٰمٌ عَلَيْكُمُ ٱدْخُلُوا۟ ٱلْجَنَّةَ بِمَا كُنتُمْ تَعْمَلُونَ ﴿٣٢﴾

فَأَمَّآ إِن كَانَ مِنَ ٱلْمُقَرَّبِينَ ﴿٨٨﴾ فَرَوْحٌ وَرَيْحَانٌ وَجَنَّتُ نَعِيمٍ ﴿٨٩﴾

**«Пас агар он шахси мутаваффӣ аз муқаррабин бошад, пас барои ӯ роҳат ва ризк аст ва ҳамчунин боғс, ки ҷойгоҳи осоишу оромиш бошад»** *(Сураи «Воқеъа», ояи 88-89).*

***Ҳар гоҳ фариштаи мавт рӯҳашро мегирад, рӯҳ ба ҷисм мегӯяд: Эй бадан, Худованд туро ҷазои хайр иноят фармояд. Ту дар ростои итоат аз Аллоҳ бо ман ва бисёр шитобон ҳам будӣ, дар нофармонии Аллоҳ бисёр сустӣ мекардӣ ва туро муборак бод, ки имрӯз ҳам худатро наҷот додӣ ва ҳам маро. Ҳамчунин ҷисм рӯҳро низ табрик мекунад.***

***Бар асари мавташ тамоми он маконҳое, ки вай дар онҳо ибодат мекард, дар фироқаш мегирянд ва дарвозаҳон Осмон ҳамагӣ мегирянд, аз он ҷо ки аъмоли***

*хаираш Оа онҷо суъуд мекард ва ё ин ки ризқаш нузул мекард, гиря ва зории Замину Осмон чил рӯз идома хоҳад дошнг. Ҳангоме ки фариштаи мавт рӯҳро қабз мекунад, панҷсад фаришта аз ҷисмаш муҳофизат мекунанд ва ҳар вақт шахсе бихоҳад ҷисми он мурдаро баргардонад, фариштаҳо ҳам шарик хоҳанд буд ва ҳангоми кафан додану хушбӯ задан низ фариштаҳо ширкат хоҳанд дошт.*

*Фариштаҳо дар ду саф аз манзили майит то қабристон меистанд ва ҳангоми ташйеъи ҷаноза аз вай истикбол мекунанд ва барояш дуои магфират мекунанд. Вақте ки шайтон ин иззату азамати мӯъминро мебинад, аз шиддати газаб ба он шиддате ҷег мезанад, ки бархе аз мафосилаш аз ҳам чудо хоҳанд гардид ва аз рӯи надомату нотавонӯ ба афродаш мегӯяд, ки нафрин бод бар шумо, охир ин шахс чӯ гуна аз доми шумо раҳой ёфт? Афроди иблис мегӯянд: Ин маъсум буд, ба ҳамин хотир ба доми фиреби мо гирифтор нагардид.*

*Фариштаи мавт рӯҳашро гирифта, ба тарафи осмонҳо мебарад. Ҳазрати Ҷабраил бо иттифоқи ҳафтод ҳазор фаришта аз ин рӯҳ истиқбол хоҳанд намуд. Ҳамаи фариштаҳо дар назди он шахси мӯъмин аз ҷониби Аллоҳ хушхабаре меоваранд ва ҳангоме ки фариштаи мавт ин рӯҳро гирифта ба назди Арш мерасад, он рӯҳ дар муқобили зоти илоҳӯ ба саҷда меафтад. Дар он вақт Худованд мефармояд: Эй фариштаи мавт, бандаи маро дар Биҳишт қарор бидеҳ ва ҳар вақт дар қабраш қарор мегирад, намоз дар тарафи росташ ва рӯза дар тарафи чапаш ва Қуръону зикри илоҳӯ бар наздикии сараш ва рафтан ба намози ҷамоат дар наздикии поҳояш ва сабр дар канораи қабр меистанд. Дар он вақт Худованд қитъае аз азобро*

***мефиристад ва он қитъаи азоб меояду дар тарафи рости он маӯйит мечаспад, фавраи намоз онро дур мекунад ва мегӯяд, ки эй азоб дур бишав, ба худо қасам, ин шахс дар тӯли зиндагӣ дар сахтиҳову мушкилот буда ва акнун баъд аз омадан ба қабр ба ӯ роҳате расида. Сипас он азоб ба тарафи чан меояд, фавран рӯза ҳамон бархӯрдеро, ки намоз намуда буд, мекунад. Баъдан он азоб ба тарафи сараш меояд, аз он ҷо ҳамон бархӯрди қаблиро мушоҳида хоҳад намуд. Рӯйиҳамрафта он азоб аз ҳар тараф мехоҳад, ки вориди амал бишавад,*** (вале) ***фавраи маҷбур ба ақибнишиий мегардад. Вақте азоб ин саҳнаро мебинад, ки он шахс аз ҳар тараф мавриди ҳифозати ибодатҳо мебошад, фавран аз он ҷо бармегардад. Дар он вақт сабр бархоста, ба соири ибодатҳо мегӯяд: Ман ба ин хотир дар муқобилн ин азоб наёмадам, ки кудрати шуморо андозагирӣ мекардам, аҳёнан агар шумо тавони бархӯрд бо вайро намедоштед, дар он сурат ман вориди амал мешудам, аммо шумо аз уҳдаи ин маъмурият баромадед. Ба ҳамин хотир, ман дахолат накардам ва акнун ман ба унвони захира барои ин шахси мӯъмин боқӣ мемонам, то ӯро дар мизон ва пули сирот битавонам кӯмак намоям.***

***Пас он ду фариштаи ҳайбатнок бо овозҳои ваҳшатнок пеши он шахс меоянд ва дандонҳояшон ҳамчун шохи гов хоҳанд буд. Ба ҳангоми нафас кашиданашон шуълаҳои оташ хориҷ мегардад ва байни ду шонаҳояшон фосилаи зиёде хоҳад буд. Ба чуз аз мӯъминон бар каси дигар ҳеҷ гуна раҳме нахоҳанд кард. Ҳамин ду фариштаанд, ки мавсум ба Мункар ва Накир мебошанд. Дар дасти ҳар як аз онҳо чакуше мебошад, ки агар ҳамаи инсонҳо ва ҷинҳо биҳоҳанд ҳамла кунанд, нахоҳанд тавонист онро ҳамл кунанд. Ин ду***

***фаришта ба он маййит мегӯяид, ки баланд шав ва бинишин! Он мурда бархоста менишинад. Кафанҳо ба таври куллӯ об шуда меафтанд. Дар он мавқеъ аз ӯ савол мекунанд: Парвардигорат кист? Динат чӯ мебошад? Паёмбарат чӯ касе аст? Он шахси мӯъмин чавоб медиҳад: Парвардигорам Аллоҳ аст, динам Ислом аст ва Паёмбарам Муҳаммад (с) аст. Фариштаҳо баъд аз шунидани ин посухҳо мегӯянд: Рост гуфтӯ. Пас аз он қаброро аз ҳар ҷиҳат васеъ мекунанд ва ба ӯ мегӯянд: Як лаҳза боло нигоҳ бикун. Чун ба боло менигарад, мебинад, ки қабр то Осмон боз мебошад. Фариштаҳо мегӯянд: Эй дӯсти Аллоҳ, ин манзили ту аст, ки дар ивази итоату бандагӯ аз Аллоҳ ба ту иноят гардид.***

Дар ҳамин мавқеъ Расулуллоҳ (с) фармуд: ***Савганд ба он зоте, ки вуҷудам дар ихтиёри Ӯст, дар он мавқеъ он шахси мӯъминро builder хушҳолӯ даст хоҳад дод, ки ҳаргиз аз байн нахоҳад рафт.***

***Сипас ба он банда хукм мегардад, ки ба поён бингар! Вақте ба поён менигарад, мутаваҷҷеҳ мешавад, ки қабр то Дӯзах боз мебошад. Фариштаҳо ба ӯ мегӯянд: Эй дӯсти Аллоҳ, ту аз ин ҷаҳаннам наҷот ёфшӯ. Дар ин ҳолат банда тавре хушҳол мегардад, ки ҳаргиз аз байн нахоҳад рафт.***

***Баъд аз он ҳафтод дарвоза аз Биҳишт барояш дар қабр боз хоҳад гардид ва аз он дарвозаҳо то он вақте ки дубора ҳашр нагардад, ба ӯ ҳавои хунук ва атри муаттар хоҳад расид.***

Пас аз он Расулуллоҳ (с) фармуданд: ***Сипас Худованд ба фариштаи мавт дастур медиҳад, ки ба назди душманам бирав, бо таваҷҷӯҳ ба ин, ки ӯро ба касрат молу сарват ва ризқ додам, аммо боз ҳам нофармонишо носипосии Маро мекард ва ӯро назди Ман***

***ҳозир бикун! Фаршитаи мавт тибқи дастури зоти илоҳӯ ба назди он шахси нофармон ба ончунон ҳайату шакл ва сурати ваҳшатоварв меояд, ки то ба ҳол касе ӯро надида ва дувоздаҳ чашм хоҳад дошт ва дар наздаш сихи оҳанӣ, ки дорои сихакҳои мутааддаде*** (бисёре) ***хоҳад буд, ба ҳамроҳии панҷсад фариштаи дигар, ки ба ҳамроҳи ҳар як аз онҳо шаллоқҳои оташини ҷаҳаннам хоҳад буд.***

***Фариштаи мавт бо он сихи оҳанини оташине, ки дорад, бар он шахс тавре мезанад, ки ҳар сихаке аз он дар вуҷуди он шахс фурӯ хоҳад рафт. Сипас он сихро ба шиддати тамом тавре берун мекашад, ки аз сари ангуштон то мӯйҳои сар рӯҳро ба вазъи фоҷеъӣ берун мекашад. Сипас он сихро дар пошаҳои ноҳояш фурӯ мебаранд. Дар он ҳолат он душмани Худо бо машаққатҳои сахте мувоҷеҳ хоҳад шуд ва ба шиддати тамом ба худ хоҳад печид .***

***Фаршитаҳо ҳам вайро бар даҳон ва пушт шаллоқ мезананд ва рӯҳашро аз тариқи ношнаҳо ба сахтӯ берун мекашанд. Пас аз он сихҳоро бар ҳар ду зонуҳояш фурӯ мебаранд ва бар асари шиддаташ ба худ менечад, ки дар ин муддат боз ҳам фариштаҳо ӯро бар даҳон, пушт, сурин, сина ва даҳон шаллоқ мезананд ва фариштаи мавт дастур медиҳад: Эй рӯҳи нопок, хориҷ бишав,зеро ки ҷойгоҳат ин ҷоест, ки:*** **«Онон дар оташу об ҷӯшида ва дар сояҳои дудҳо хоҳанд буд, тавре ки он сояҳо на хунук хоҳанд гашт ва на судманд хоҳанд буд».**

***Вақте фариштаи мавт рӯҳашро қабз мекунад, рӯҳ ба ҷисм мегӯяд: Худо туро аз тарафи ман ивази бадӯ бидиҳад, зеро ту маро ҳамроҳа худ гирифта, шурӯъ ба нофармонии Аллоҳ намудӣ ва дар итоат аз Аллоҳ бисёр саҳлангезӯ намудӣ, худатро ва ҳам маро халок***

*шшуди. Ҷисм хам ба рӯҳ ҳамчунин бархӯрде мекунад ва ҳамдигарро наломит мекунанд ва ҳамаи он нукоте, ки бар рун онҳо нофармонии Аллохро мекарданд, онҳоро нафрии мекунанд. Дар ин вақти бисёр ҳассос гурӯҳе а афроди иблис ба назди иблис омада, муждаагони медиханд, ки инсонеро гумроҳ иамуда, ӯро мустаҳиқи ҷаханнам қарор додем .*

*Вақтс ин шахси нофармон дар қабр ниҳода мешавад, қабраш бисёр танг мегардад ва морҳои ваҳшатпоки сиёхранг ҳамаи аъзои баданашро неш мезананд. Дар ҳамин лаҳза ду фаришта аз ҷониби Аллоҳ меоянд ва аз ӯ мепурсанд: Парвардигорат кист? Динат чист? Ва наёмбарат кист? Он шахс наметавоиад посух бидиҳад. Пас фариштаҳо ӯро нафрин мекунанд, ӯро бисёр азияту озор медиҳанд ва ба ӯ мегуяид: Ба тарафи боло бингар! Вақте нигоҳ мекунад, мебинад, ки дарвозае ба тарафи Биҳишт боз аст. Фариштаҳо мегӯянд: Эй инсони нофармон, агар мутеъу фармонбардор мебудӯ, ҷойгоҳаш дар ин ҷо мебуд.*

**Расулуллоҳ (с) фармуданд:** *Қасам ба он зоте, ки вуҷудам дар ихтиёраш аст, дар он лаҳза дар дили он бадбахт ончунон хасрате хоҳад омад, ки ҳаргиз аз байн нахоҳад рафт. Сипас пеши рӯяш дарвозае аз ҷаҳаннам кушода мегардад ва ба ӯ гуфта хоҳад шуд: Эй душмани Аллоҳ, ба хотири нофармонӯ аз Аллоҳ ҷаҳаннам ҷойгоҳат мебошад. Сипас ҳафтод дарвоза аз ҷаҳаннам барояш кушода хоҳад шуд, ки ҳарорат ва тапишаш то қиёмат ӯро дар бар хоҳад гирифт».*[1]

[1] «Маснад»-и Абуяъло, Ибни Абиддунё.

## БА ҶОЙИ ОХИРСУХАН

Инак, баргардонии китоби мазкур ба хати маъмули имрӯз аз рӯйи тарҷимаи форсӣ бо изни Аллоҳ ба итмом расид. Аз хонандаи гиромӣ барои саҳви рафта эҳтиромона маъзарат хоста, таманнои он дорем, ки дар ҳаққи муаллиф, тарҷимони форсӣ ва дигар алоқамандони нашри китоб дуои некро дареғ намедорад. Худованд ёвару мададгори мову шумо.

Мавлоно Фазлурраҳмон Рашиди

ФАРИШТАИ МАРГ

Ба чоп 19.02.10 омода шуд.
Акдозаи 60x84 1/16. Ҷузъи чопӣ 4.
Когази офсет. Чопи офсет

Дар матбааи ҶДММ «Сафват» ба табъ расид.